ФУРӮҒИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ
саҳ. 8

КАБӮТАРИ СУЛҲ ДАР ОСМОНИ МУСАФФОИ ТОҶИКИСТОН
саҳ. 12

ДАР АВФ ЛАЗЗАТЕСТ, КИ ДАР ИНТИҚОМ НЕСТ
саҳ. 15

ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ!

# ОМӮЗГОРИ ҷавон

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

№06 (1096)
30 ИЮНИ СОЛИ 2026

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР ШАШ МОҲИ АВВАЛИ СОЛИ 2026

**Рӯзи 10.06.2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи васеи Шурои олимон баргузор гардид. Дар он муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо, омӯзгорон ва кормандон иштирок намуда, натиҷаҳои фаъолияти донишгоҳ дар шаш моҳи аввали соли 2026 мавриди баррасӣ қарор гирифт.**




Ҷаласа пас аз садо додани Суруди миллӣ оғоз гардида, ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода аҳаммияти ҷамъбасти фаъолияти нимсоларо дар муайян намудани вазифаҳои минбаъда муҳим арзёбӣ намуданд.

*(Идома дар саҳ. 2)*



## ҶАЛАСА

ИШТИРОКИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ ДАР ЧОРАБИНИИ САТҲИ БАЛАНДИ СҲШ ДАР БЕЛАРУСИЯ



2

## ЧОРАБИНӢ

«ҲХДТ – МАҲСУЛИ ХИРАДИ ВОЛОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ»



3

## ҲАМОИШ

ҲАМОИШИ ИЛМӢ

БА МУНОСИБАТИ ҚАБУЛИ ТАШАББУСИ НАВИ ТОҶИКИСТОН ДАР СММ



4

ҶАЛАСА

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР ШАШ МОҲИ АВВАЛИ СОЛИ 2026





*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Дар идома муовинони ректор оид ба таълим, илм, робитаҳои байналмилалӣ ва хоҷагидорӣ ҳисоботи худро пешниҳод намуда, аз дастовардҳо, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо маълумот доданд. Зикр гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим, рушди фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд.

Ректори донишгоҳ таъкид намуданд, ки дастовардҳои бадастомада самараи татбиқи сиёсати маорифпарварона ва илмпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, таваҷҷуҳи пайвастаи Роҳбари давлат ба соҳаи маориф барои рушди устувори муассисаҳои таҳсилоти олӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Ҳамзамон, фаъолияти сохторҳои донишгоҳ таҳлил гардида, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, тақвияти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Дар фарҷоми ҷаласа фаъолияти донишгоҳ дар шаш моҳи аввали соли 2026 қаноатбахш арзёбӣ гардида, масъулин барои иҷрои босифати вазифаҳои минбаъда мувазззаф карда шуданд.

РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## ИШТИРОКИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ ДАР ЧОРАБИНИИ САТҲИ БАЛАНДИ СҲШ ДАР БЕЛАРУСИЯ

***Дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларусия ҷаласаи даҳуми вазирони маорифи давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор гардид, ки дар кори он Аҳлиддин Ибодуллозода - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ширкат намуданд.***



Дар ин чорабинӣ вазирон, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамоҳангсозони миллӣ ва дигар шахсони даъватгардида аз кишварҳои аъзои СҲШ иштирок намуданд.

Ҳамоиш яке аз муҳимтарин минбарҳо бахри тақвияти ҳамкориҳои бисёрҷониба дар соҳаи маориф ва илм ба ҳисоб рафта, ба густариши ҳамгироии академӣ, табодули таҷриба ва рушди иқтидори илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои аъзо мусоидат менамояд.

## РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ ДАР ФОРУМИ РЕКТОРОНИ ДОНИШГОҲҲОИ СҲШ ИШТИРОК НАМУД



***Дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларусия Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид.***

Дар кори форум ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода иштирок намуда, доир ба масъалаҳои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ, таҳкими робитаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мубодилаи академӣ ва густариши шарикӣ байни донишгоҳ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои узви СҲШ табодули афкор намуд.

Зимни баргузории форум роҳҳои тавсеаи ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ ва таълимӣ, инчунин рушди равобити байналмилалӣ дар самти омодасозии мутахассисони рақобатпазир мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Иштироки намояндаи донишгоҳ дар чунин ҳамоишҳои бонуфуз барои таҳкими ҷойгоҳи байналмилалии донишгоҳ ва густариши ҳамкориҳои судманд бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ мусоидат менамояд.

РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# НАМОЯНДАИ ДОНИШГОҲ ДАР ФОРУМИ ОЛИМОНИ ҶАВОНИ СҲШ ИШТИРОК НАМУД



***Дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларусия Форуми олимони ҷавони кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид.***

Дар чорабинии мазкур намояндаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгори ҷавон» Фаридун Кенҷазод иштирок намуда, дар мавзуи «Ҳамкориҳои Тоҷикистону Беларус дар замони соҳибистиқлолӣ» бо рӯнамо маърӯза намуд.

Зимни ироаи маърӯза масъалаҳои рушди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларусия дар даврони соҳибистиқлолӣ, дастовардҳои муҳим дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмию маориф, инчунин дурнамои густариши ҳамкориҳои дуҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Форуми олимони ҷавони СҲШ ҳамчун майдони муҳим барои табодули таҷриба, муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳкими ҳамкориҳои илмии ҷавонони кишварҳои узв хизмат намуда, ба рушди робитаҳои байналмилалии илмӣ мусоидат менамояд.

ЧОРАБИНИИ СИЁСӢ-МАЪРИФАТӢ

# «ҲХДТ – МАҲСУЛИ ХИРАДИ ВОЛОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ»

***Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони «Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – маҳсули хиради волои Пешвои миллат» чорабинии сиёсӣ-маърифатӣ баргузор гардид. Дар ҳамоиш ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода, Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Шоҳиён Абдураҳим, Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ Қурбонзода Убайдулло, аъзои раёсат, омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён иштирок намуданд.***



Дар оғози чорабинӣ меҳмонон аз осорхонаи донишгоҳ дидан намуда, бо дастовардҳои илмӣ, таълимӣ ва фарҳангии муассиса аз наздик шинос гардиданд. Ба меҳмонон оид ба таърихи таъсис, фаъолияти пурсамар ва нақши донишгоҳ дар омодасозии мутахассисони баландихтисос маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Сипас чорабинӣ бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Нахуст раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Омӯзгор», ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода оид ба фаъолияти ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ дар шаш моҳи аввали соли 2026 ҳисобот манзур намуда, аз дастовардҳо, тадбирҳои амалигардида ва нақшаҳои минбаъдаи ташкилот ёдовар шуд. Зикр гардид, ки ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Омӯзгор» дар татбиқи ҳадафҳои созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, таҳкими маърифати сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстонаи ҷавонон саҳми назаррас мегузорад.

Дар идомаи чорабинӣ Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Шоҳиён Абдураҳим суханронӣ намуда, таъкид кард, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун маҳсули хиради волои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, рушди давлатдорӣ ва пешрафти ҳамаҷонибаи кишвар нақши калидӣ дорад. Мавсуф ҳамчунин аз саҳми арзишманди ҳизб дар татбиқи сиёсати созандаву бунёдкоронаи давлат ва ҷалби ҷавонон ба корҳои ҷамъиятӣ ва ватансозӣ ёдовар гардид.

Дар фарҷоми чорабинӣ ба як қатор ҷавонони фаъол ҷиҳати аъзо шуданашон ба ҲХДТ дафтарчаи ҳизбӣ тақдим карда шуд.

Қисмати фарҳангии ҳамоишро ҳунармандони ансамбли «Чеҳранамо»-и донишгоҳ ҳусни анҷом бахшида, бо иҷрои суруду таронаҳои ватандӯстона ва тараннуми арзишҳои миллӣ ба чорабинӣ шукӯҳи тоза зам намуданд.

# ШУРОҲОИ ЗАБОН ВА ГЕОГРАФИЯ МУАРРИФӢ ГАРДИД



Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба таваҷҷуҳи унвонҷӯёну докторантон мерасонад, ки шуроҳои диссертатсионии 6D.КОА-132 оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D020500 – Филология (6D020501 – Забони тоҷикӣ); 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021301 – Назарияи забон) ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 6.2. Филология (6.2.1. Забони тоҷикӣ ва 6.2.2. Назарияи забон) ва 6D.КОА-127 оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060900 – География (6D060901-Географияи табиӣ ва биогеография, географияи хок ва геохимияи ландшафтҳо ва 6D060902 – Географияи рекреатсионӣ, сайёҳӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ), инчунин оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 1.6. Заминшиносӣ ва муҳити зист (1.6.1. Географияи табиӣ ва биогеография, географияи хок ва геохимияи ландшафтҳо ва 1.6.2. Географияи рекреатсионӣ, сайёҳӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ) ба фаъолият шуруъ намуд.

Дар муаррифии шуроҳои мазкур муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, д.и.х., профессор Раҷабзода Сироҷиддин, намояндагони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ Ализода Ҳокимхон, сармутахасиси шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ Ҷаъфарӣ Амиршо, саркотиб ва аъзои шуроҳои диссератсионии 6D.КОА-132 ва 6D.КОА-127-и назди Донишгоҳ иштирок ва суханронӣ намуданд.

# КИТОБИ ДАРСИИ «ТАРҶУМАИ ХАТТӢ» АЗ ЧОП БАРОМАД

**Боиси хушнудист, ки китоби дарсии «Тарҷумаи хаттӣ», ки аз ҷониби омӯзгорону муҳаққиқон М. М. Комилов ва Н. М. Давлатзода таҳия гардидааст, ба тозагӣ аз чоп баромад.**

Китоби мазкур барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шуда, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2026 таҳти №2/14 барои нашр тавсия шудааст.

Дар китоб масъалаҳои муҳими назария ва амалияи тарҷумаи хаттӣ, хусусиятҳои тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, мушкилоти лексикӣ, грамматикӣ ва услубии тарҷума, инчунин роҳҳои ҳалли онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, барои таҳкими дониш ва малакаҳои донишҷӯён саволҳо, машқҳои амалӣ ва намунаҳои гуногуни тарҷума пешниҳод шудаанд.

Китоб дар заминаи таҷрибаи омӯзгорӣ ва таҳқиқоти илмии муаллифон таҳия гардида, метавонад ҳамчун дастури муфид барои донишҷӯён, магистрантон, докторантон, омӯзгорон ва ҳамаи ҳаводорони соҳаи тарҷумашиносӣ хизмат намояд.




Нашри китоби «Тарҷумаи хаттӣ» саҳми арзанда дар рушди таълими тарҷумашиносӣ ва омодасозии мутахассисони соҳибкасб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

ЧОРАБИНӢ

# ҲАМОИШИ ИЛМӢ БА МУНОСИБАТИ ҚАБУЛИ ТАШАББУСИ НАВИ ТОҶИКИСТОН ДАР СММ

***Дар Донишгоҳ ҳамоиши илмӣ бахшида ба қабули ташаббуси нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027–2036», ки 25 июни соли 2026 бо қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид, баргузор шуд.***



Дар кори ҳамоиш ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода, муовинони ректор ва ҳайати раёсат иштирок намуданд.

Ҳамоишро ректори донишгоҳ ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки қабули ин ташаббуси навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид нишонаи эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз сиёсати сулҳҷӯёна ва башардӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таъкид гардид, ки татбиқи ин даҳсола барои таҳкими фарҳанги сулҳ, густариши ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи таҳаммулгарой ва ҳамдигарфаҳмӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Зимни ҳамоиш баромадкунандагон доир ба аҳаммияти байналмилалии ташаббуси нави Тоҷикистон, нақши кишвар дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии сулҳу амният, таҳкими муколамаи тамаддунҳо, баланд бардоштани маърифати сулҳпарварӣ дар байни ҷавонон ва саҳми муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар тарбияи насли огоҳу масъулиятшинос ибрози андеша намуданд.

Иштирокчиён зикр карданд, ки қабули қатъномаи мазкур бори дигар мақому нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ тақвият бахшида, барои таҳкими ҳамкориҳои созанда ҷиҳати таъмини сулҳу суботи пойдор ва рушди устувор заминаи мусоид фароҳам меорад.

# ВОХӮРИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ БО МУДИРОНИ КАФЕДРАҲО



**Бо мақсади таҳкими фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва методии донишгоҳ ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода бо мудирони кафедраҳо вохӯрии корӣ баргузор намуд.**

# БАРНОМАИ «ЭФФЕКТА» НАТИҶАГИРӢ ВА ИШТИРОКЧИЁНИ ФАЪОЛ ҚАДРДОНӢ ГАРДИДАНД

***Дар доираи як чорабинӣ барномаи «ЭФФЕКТА» натиҷагирӣ гардида, як қатор устодон ва донишҷӯёни фаъоли Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо сертификат ва тӯҳфаҳои хотирмон қадрдонӣ шуданд.***

Барномаи «ЭФФЕКТА», ки бо дастгирии Британияи Кабир ҷиҳати такмили омӯзиши забони англисӣ роҳандозӣ гардида буд, аз аввали моҳи март то охири моҳи майи соли ҷорӣ тариқи онлайн амалӣ гардид. Дар доираи он 67 нафар устодон, аз ҷумла 16 нафар омӯзгорони мутасаддӣ бо донишҷӯён ва 420 нафар донишҷӯён фаъолона иштирок намуданд.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии иштирокчиёни фаъол, дар маросими ҷамъбасти барнома намояндагони лоиҳаи «ЭФФЕКТА» беҳтарин иштирокчиёнро бо тӯҳфаҳои хотирмон ва сипосномаҳо қадрдонӣ намуданд.



Аз рӯйи натиҷаҳои барнома 7 нафар донишҷӯ бо соатҳои электронӣ, 2 нафар устод бо планшет ва 11 нафар омӯзгорони мутасаддӣ бо сипоснома сарфароз гардиданд.

Қадрдонии иштирокчиёни фаъол нишонаи арҷгузорӣ ба саъю кӯшиши онҳо дар самти омӯзиши забони англисӣ ва рушди малакаҳои касбӣ буда, барои иштироки минбаъда дар чунин барномаҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

ХУШХАБАР

# ҒОЛИБИЯТИ ХОНАНДАГОНИ ЛИТСЕЙИ НАЗДИ ДОНИШГОҲ

## ДАР ДАВРИ НОҲИЯВИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»



**5 июни соли 2026 дар толори Литсейи №3-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе маросими тантанавии ҷоизасупорӣ ба ғолибони даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор гардид.**

Дар чорабинии мазкур муовини раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ Аминзода Манижабону иштирок намуда, ғолибон ва омӯзгорони онҳоро барои дастовардҳои назаррас табрик гуфт.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки хонандагони Литсейи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ин озмуни бонуфуз иштироки фаъолона намуда, маҳорати баланди донишандӯзӣ ва қобилияти илмии худро нишон доданд.

Аз рӯйи натиҷаҳои даври ноҳиявӣ хонандагони литсей сазовори се ҷойи ифтихорӣ гардида, аз ҷумла як нафар ҷойи дуюм ва ду нафар ҷойи сеюмро ишғол намуданд. Ғолибон бо диплом, ифтихорнома ва мукофотпулӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Роҳбарияти донишгоҳ ва маъмурияти литсей ин дастоварди арзандаро ба хонандагон, падару модарон ва омӯзгорони онҳо табрик гуфта, ба иштирокчиён дар марҳилаҳои минбаъдаи озмун муваффақиятҳои нав ба нав орзу менамоянд.

Ёдовар мешавем, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» бо мақсади рушди тафаккури илмӣ, ҷалби наврасону ҷавонон ба омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, дарёфт ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон ҳамасола дар саросари кишвар баргузор мегардад.

# МИНБАРИ ЭҶОДКОРОН

**Таҳти ин рубрика намунаҳои эҷоди донишандӯзони донишгоҳ пешниҳод мегардад.**

**Султонова Эҳтиётгул донишҷӯи соли сеюми факултети педагогика буда, ба эҷоди назму наср шавқ дорад. Ҳоло намунае аз эҷоди ӯ пешниҳод мешавад.**



ДУШАНБЕ

Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе,
Ту дурри нури чашмонӣ, Душанбе.
Зи файзи сулҳ гаштӣ шаҳри дилҳо,
Ту шаҳри беҳтар аз ҷонӣ, Душанбе.

Худоро шукри беандоза дорем,
Даруни қалб туро мо дӯст дорем.
Душанбе гаштаӣ ободу хуррам,
Бароят, эй Ватан, ҷон месупорем.

ДАСТОВАРД

# ДАСТОВАРДҲОИ НАЗАРРАСИ ДОНИШҶӮЁН

## ДАР ДАВРИ НОҲИЯВИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»

***Дар доираи баргузории даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иштироки фаъолона намуда, донишу маҳорати баланди илмии худро ба намоиш гузоштанд.***



Аз рӯйи натиҷаҳои озмун донишҷӯёни донишгоҳ дар номинатсияҳои гуногун соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардида, барои иштирок дар марҳилаҳои минбаъдаи озмун роҳхат гирифтанд.

Дар номинатсияи «Зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ»:

Шоҳимардонов Шаҳром – ҷойи **якум;**

**Гулова Меҳрона – ҷойи сеюм.**

**Дар номинатсияи «География»:**

**Мукарамова Табассум – ҷойи якум;**

**Алиев Ҳоҷиакбар – ҷойи дуюм;**

**Нуриддинов Хайём – ҷойи сеюм;**

**Бегова Муҳаббатхон – ҷойи сеюм;**

**Шарипов Шаҳром – ҷойи сеюм.**

**Дар номинатсияи «Химия»:**

**Надиров Садриддин – ҷойи дуюм;**

**Роибов Киромиддин – ҷойи дуюм.**

**Дар номинатсияи «Математика»:**

**Усмонов Вали – ҷойи дуюм;**

**Абулов Ёсинхон – ҷойи сеюм.**

**Дар номинатсияи «Биология»:**

**Қурбоналиев Ризвон – ҷойи якум;**

**Паҳлавоншанбиева Шодигул – ҷойи дуюм;**

**Шодиев Файзибой – ҷойи дуюм;**

**Самадова Азиза – ҷойи сеюм;**

**Умедзода Наҷиба – ҷойи сеюм.**

Муваффақияти донишҷӯён дар ин озмуни бонуфуз натиҷаи талошҳои пайвастаи онҳо дар роҳи донишандӯзӣ, омӯзиши илмҳои муосир ва роҳнамоии устодони соҳибтаҷрибаи донишгоҳ мебошад.

Роҳбарияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамаи ғолибон ва омӯзгорони онҳоро бо ин дастоварди арзанда самимона табрик намуда, дар марҳилаҳои минбаъдаи озмун барояшон комёбиҳои нав, парчамбардории илму маърифат ва муаррифии шоистаи донишгоҳро орзу менамоянд.

Боварии комил дорем, ки донишҷӯёни соҳибистеъдоди донишгоҳ дар оянда низ бо дастовардҳои илмии худ дар рушди ҷомеа ва пешрафти илму маорифи кишвар саҳми арзанда мегузоранд.

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи «Омӯзгори ҷавон» рубрикаи вижаро пешниҳод мекунад, ки ҳадафи он бозгӯ ва таҳлили дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, бахусус саҳми муассисаҳои илмӣ-маърифатӣ дар рушди кишвар мебошад. Дар доираи ин бахш мавод оид ба комёбиҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, рушди илму маориф, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ислоҳоти соҳа мунтазам ба нашр мерасад. Рубрика минбари муаррифии иқдомҳои нав, таҷрибаи пешқадам ва нақши Донишгоҳ дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст дар даврони Истиқлол хоҳад буд.**

# «ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ ИННОВАТСИЯ ДАР ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ВА ТЕХНИКӢ»

***Рӯзи 05.06.2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии таъсисёбии донишгоҳ ва дар доираи амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Вазъ ва дурнамои инноватсия дар илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ» баргузор гардид.***



Конфронс бо ташаббуси кафедраи физикаи эксперименталӣ ва назариявии факултети физика доир шуда, дар он олимону муҳаққиқон, омӯзгорон ва донишҷӯён аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар иштирок намуданд.

Ҳадафи асосии баргузории ҳамоиш баррасии масъалаҳои мубрами илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ, муаррифии дастовардҳои нави илмӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва табодули таҷриба дар самти татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ва таҳқиқоти илмӣ арзёбӣ гардид.

Дар маросими ифтитоҳи конфронс сардори раёсати илм ва инноватсияи донишгоҳ Абдуҷализода Фарзона ва намояндагони доираҳои илмӣ суханронӣ намуда, нақши илм ва инноватсияро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар муҳим арзёбӣ карданд. Зикр гардид, ки татбиқи дастовардҳои муосири илмӣ ва истифодаи технологияҳои навин яке аз омилҳои асосии пешрафти соҳаи маориф ва рушди устувори ҷомеа мебошад.

Зимни кори конфронс иштирокчиён оид ба масъалаҳои марбут ба «Вазъ ва дурнамои инноватсия дар илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ» ва дигар самтҳои муҳими илмӣ маърӯзаҳои илмӣ пешниҳод намуданд.

Дар анҷоми ҳамоиш иштирокчиён аҳаммияти баргузории чунин чорабиниҳои илмиро дар рушди тафаккури илмӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос таъкид намуда, барои таҳкими минбаъдаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ пешниҳодҳои судманд ироа карданд.

# КОНФЕРЕНСИЯ: «ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ ТОҶИКОН»



**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ – дастоварди бузурги тоҷикон» бо иштироки олимону муҳаққиқон, устодон, донишҷӯён ва намояндагони муассисаҳои илмӣ ва таълимии кишвар баргузор гардид.**

Ҳадафи асосии ҳамоиш таҳкими арзишҳои Ваҳдати миллӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи нақши он дар рушди давлатдории миллӣ, суботи ҷомеа ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар ҷараёни конференсия иштирокчиён бо маърӯзаҳои илмӣ оид ба аҳамияти таърихиву сиёсӣ ва иҷтимоии Ваҳдати миллӣ, саҳми он дар таҳкими сулҳу субот, рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва тарбияи ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ баромад намуданд. Зикр гардид, ки Ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди бузурги мардуми тоҷик барои рушди устувори кишвар ва таъмини зиндагии осоиштаи шаҳрвандон заминаи боэътимод фароҳам овардааст.

Дар анҷоми конференсия иштирокчиён муҳимияти таҳқиқоти илмӣ ва густариши корҳои маърифатиро ҷиҳати ҳифз ва таҳкими арзишҳои Ваҳдати миллӣ таъкид намуда, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои илмӣ пешниҳодҳои судманд ироа карданд.

# ТОЗАНАШР

**Боиси хушнудист, ки китоби дарсии «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (аз фанни забони фаронсавӣ). Қисми 1» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз чоп баромад.**




Муаллифи китоб Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович, номзади илмҳои филология, дотсент ва омӯзгори кафедраи забони фаронсавӣ мебошад. Китоб бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси китоби дарсӣ тавсия гардида, барои донишҷӯёни курси аввали ихтисосҳои забони фаронсавӣ ва фаронсавӣ–англисӣ таҳия шудааст. Ҳамзамон, он метавонад барои ҳамаи омӯзандагони забони фаронсавӣ ҳамчун дастури муфид дар рушди маҳорати нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ хизмат намояд.

Дар китоб машқу супоришҳои амалӣ, матнҳои таълимӣ ва маводи методӣ ҷой дода шудаанд, ки ба такмили малакаҳои гуфтор, навиштор ва муоширати донишҷӯён бо забони фаронсавӣ мусоидат мекунанд.

Муаллиф ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ин асари илмӣ-таълимиро эҳдо намудааст.

Раёсати донишгоҳ ва ҳайати омӯзгорон муаллифро барои нашри китоби нави дарсӣ самимона табрик гуфта, ба ӯ дар фаъолияти илмию омӯзгорӣ комёбиҳои боз ҳам бештар орзу менамоянд.

# АМРИ ХАЙР ДАР ТАҚВИЯТИ ХОТИРАИ ТАЪРИХИИ МИЛЛАТ



Қурбонзода Рухшона Қурбон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон дар Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик», ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров санаи 5 декабри соли 2023 таъкид дошта буданд, ки «Ҳадафи мо аз гиромидошт ва зинда нигоҳ доштани ному корномаи фарзандони бузурги миллати тоҷик ин аст, ки таърихи пурифтихор ва мероси пурбори илмӣ, адабӣ ва фарҳангиву тамаддунии худро соҳибӣ ва ҳимоя кунем, ин таърихи пурифтихор ва ин мероси гаронмояро ба хотири иттиҳоду сарҷамъӣ ва сарбаландиву сарфарозии мардумамон, ободии Ватани аҷдодиамон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини миллиамон ҳарчи бештар ва оқилона истифода барем».**

Ба Ватан баргардонидани хоки мазори се шахсияти бузурги тоҷик, ки қурбонии терророҳои солҳои сиюми қарни гузашта дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гашта буданд, яъне қаҳрамонони Тоҷикистон, Нусратулло Махсум ва Шириншо Шотемур, инчунин чеҳраи барҷастаи фарҳангии таърихи миллат Нисор Муҳаммад ва шахсан дар маросими истиқболи мушти хоки оромгоҳи онҳо иштирок намудан бори дигар ин талошҳои Пешвои муаззами миллатро дар самти гиромидошт ва зинда нигоҳ доштани ному корномаи фарзандони бузурги миллати тоҷик собит сохтанд.

Оид ба бузургии ин се шахсияти таърихӣ ягон шакку шубҳае нест ва ба хоки Ватан овардани мушти хок аз мазори онҳо руҳи ин ҷавонмардони фидоиро абадан ором мекунад. Шириншо Шотемур яке аз ташаббускорони таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1924 буда, барои рушди ин давлати нави тоҷикон ва хусусан, маорифи он саҳми бузург гузоштааст.

Нусратулло Махсум баъд аз сари худ Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро ба мерос гузошт. Аммо барои муносибати некаш ба деҳқонони мулкдори ҷумҳурӣ душмани халқ эълон карда шуда, ба қатл расонида шуд. Танҳо 15 декабри соли 1957 суди ҳарбӣ ӯро бегуноҳ эътироф намуд.

Нисор Муҳаммад низ, ки чун вазири маорифи вақт аввалин пояҳои таълим ва илмро дар Тоҷикистони шуравӣ гузошта, дар таълифи китобҳои дарсӣ ва таъсиси мактабҳо хизматҳои бесобиқае анҷом дода буд, қурбонии террорҳои сиёсӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ гашт.

Сарнавишти ин се шахсияти бузург, ки қариб якхела будааст, нишон медиҳад, ки новобаста ба хизматҳояшон, онҳо аз ҷониби зимомдорони вақт қадрдонӣ нашуданд ва ҳатто баръакс, бо қатлашон онҳоро ба гӯшаи фаромӯшӣ доданӣ шуданд. Имрӯз бошад, Пешвои муаззами миллати мо ба тамоми ҷаҳониён собит сохтанд, ки ягон фарзанди тоҷик, ки барои ин миллат хизмат кардааст, фаромӯш намешавад ва меҳри Ватан ҳамеша бо руҳи онҳост, хусусан руҳи ин се шахсияти барҷастае, ки имрӯз дар марзу буми Тоҷикистон бо риояи тамоми суннатҳои динию ахлоқӣ барои ҳамешагӣ ором гардид.

Вобаста ба масъалаи ба Ватан баргардонидани мушти хоки оромгоҳи фарзандони фарзонаи миллат Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур ва Нисор Муҳаммад мехостем оид ба ҷанбаи ахлоқии ин масъала чанд нуктаро зикр кунем.

Масъалаи дубора дафн кардани қурбониёни террорҳои сиёсӣ ва аз қабрҳои оммавӣ ба мазори инфиродӣ гузаронидани онҳо ҷанбаҳои амиқи ахлоқӣ ва фалсафӣ дорад. Он, қабл аз ҳама, бо масъулияти мо дар назди қурбоншудагон ва хотираи таърихии миллат алоқаманд аст. Дар ин самт аксар вақт ба якчанд далели калидии ахлоқӣ такя мекунанд, ки аз зумраи онҳо барқарор кардани шаъну шарафи инсонӣ мебошанд. Низоми террорҳои сиёсии ибтидои асри 20 ҳадаф дошт, ки афроди алоҳидаро ҳам дар зиндагӣ ва ҳам пас аз марг аз шахсияташон маҳрум кунад. Қабрҳои оммавӣ аксар вақт пинҳонӣ, бе ном сохта мешуданд ва одамонро ба оммаи бечеҳра табдил медоданд. Аз ҷониби дигар, баргардонидани қурбоншудагон ба манзили инфиродӣ ин як роҳи тасдиқи он аст, ки ин қурбонӣ як шахси беназир буд. Барои наздикони қурбоншуда бошад, муҳим аст, ки ӯ манзили охирати мушаххас ва алоҳида дошта бошад, то барои эҳтироми руҳи ӯ ба зиёрат раванд.

Тавре маълум аст, дар фарҳанги анъанавии аксари халқҳо дафн кардани шахси фавтида як маросими муқаддас аст. Дафни инфиродӣ имкон медиҳад, ки наслҳо дубора пайваст шаванд ва маросими мотамро, ки дар солҳои даҳшати террорҳои сиёсӣ ин ғайриимкон буд, анҷом диҳанд. Қабрҳои оммавии терроршудагон аксар вақт ҳамчун "чоҳҳои қатл" номида мешуданд, зеро дафн аз ҷониби ташкилкунандагони қатлҳо шитобкорона ва пинҳонӣ анҷом дода мешуд. Интиқоли тани ин қурбониён бо эҳтиром ба манзилҳои алоҳида ҳамчун далели бартараф сохтани беадолатии таърихӣ ва пирӯзии эҳтиром ба шахс қабул карда мешавад.

Дар умум, дар манзили алоҳида дафн кардани шахс аз нигоҳи ахлоқӣ ин талоши барқарор кардани ном ва шаъну шарафи инсон аст, ки бегуноҳ аз ҳаёт маҳрум шудааст. Ин амал кафолат медиҳад, ки чунин ҳодисаҳо дигар ҳеҷ гоҳ дар таърих такрор нагарданд. Аз ин рӯ, бо иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ватан овардани мушти хоки оромгоҳи Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур ва Нисор Муҳаммад на танҳо беназирии шахсияти онҳоро барқарор мекунад, руҳи онҳоро ором мегардонад, балки як кори хайрест, ки ба тақвияти хотираи таърихии миллат низ такони ҷиддӣ мебахшад.

---



Зикирзода Ҳобил, декани факултети филологияи тоҷик

# ТАЪСИСИ ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР СОҲАИ ТИБ ВА АҲАММИЯТИ ОН

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сиёсати арҷгузорӣ ва эҳтиром ба арзишҳои бузурги таърихиву илмии миллат, ба бузургдошти хотираи таърихии миллат ва бузургони фарҳангии он барои ҷаҳониён муаррифӣ намудани симоҳои маърufи ин фарҳангро дар сархати ин сиёсат қарор додааст.**

Дар ин замина, таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб аз ҷумлаи ташаббусҳои муҳим ва таърихие мебошад, ки аҳамияти бузурги миллӣ ва байналмилалӣ касб менамояд.

Ин иқдоми наҷиб ва дурбинонаи Пешвои муаззами миллат на танҳо арҷгузорӣ ба нобиғаи бузурги илми тоҷик Абуалӣ ибни Сино мебошад, балки он барои эҳёи арзишҳои мактаби бузурги фарҳангию илмии тоҷикон ва муаррифии саҳми онҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Осори Ибни Сино ба ҳадде арзишманд аст, ки онҳо ба забонҳои зиёди ҷаҳонӣ тарҷума шуда, дар бораи онҳо таҳқиқоти илмиии зиёд гузаронида шудаанд ва аҳамияти онҳо то ба ҳол бузург аст. Аз рӯйи тадқиқоти муҳаққиқи маъруфи эронӣ – Саид Нафисӣ миқдори асарҳои Ибни Сино ба 456 адад мерасад ва онҳо аз ҷиҳати ҳаҷм хеле гуногун буда, аз рисолаҳои мухтасар то асарҳои чандинҷилда иборат мебошанд. Дар байни онҳо «Китоб-ул-инсоф», ки аз байн рафтааст, дар 20 ҷилд, «Ал-Ҳосил вал-маҳсул» дар 20 ҷилд, «Аш-Шифо» дар 18 ҷилд, «Лисон-ул-араб» дар 10 ҷилд, «Ал-Қонун фи-т-тиб» дар 5 ҷилд, «Ан-Наҷот» дар 3 ҷилд ва ғайри онҳо таълиф шудаанд.

Абуалӣ ибни Сино ҳамчун яке аз асосгузорони илми тиб дар ҷаҳон, махсусан дар самти ҳифзи саломатии ҷомеа, пешгирии бемориҳо, беҳдошт, тозагии муҳити зист ва риояи қоидаҳои санитарӣ андешаҳои нодир ва пешрафта пешниҳод намудааст. Осори гаронбаҳои ӯ, бахусус "Ал-Қонун фи-т-тиб", садсолаҳо ҳамчун сарчашмаи муҳим барои табибон ва олимони ҷаҳон хизмат кардааст. Махсусан, таълимоти Абуалӣ ибни Сино оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ, аҳамияти оби тоза, ҳавои солим, ғизои дуруст ва риояи гигиена имрӯз низ барои соҳаи санитариву эпидемиологӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд. Бисёре аз принсипҳое, ки имрӯз дар фаъолияти хадамоти санитариву эпидемиологӣ истифода мешаванд, дар асори ин донишманди бузург таҷассум ёфтаанд. Дар шароити имрӯза, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои нави эпидемиологӣ ва бемориҳои сироятӣ рӯ ба рӯ мебошад, омӯзиш ва истифодаи мероси илмии Абуалӣ ибни Сино аҳамияти махсус касб менамояд.

*(Идома дар саҳ. 11)*

# ФУРӮҒИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



**Аҳлиддин Ибодуллозода,**
**Ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

**Ба Тоҷикистони биҳиштосои мо боз насими пурфайзи ваҳдати миллӣ мевазад ва аз накҳати муаттари он дилҳои ҳамагон ба зиндагӣ гарм мешавад, вуҷуди мо моломоли меҳру муҳаббат мегардад ва самимияти ватандориву муҳаббат барои корҳои ободониву созандагӣ ва шукуфо намудани сарзамини аҷдодӣ дар тинати ҳар як тоҷики худогоҳу худшинос ҷӯш мезанад.**

Оре, имсол ваҳдати миллӣ ба ваҳдати афкору андешаҳо, ваҳдати қалбҳо ҳамбаста аст, ки онро ваҳдати миллӣ меномем, чун миллат ба ваҳдат мерасад дари иқболу бахту саодат ба рӯйи он боз мегардад, зеро нури пурфурӯғи ваҳдати миллӣ ба роҳи оянда миллат равшанӣ мепошад ва саодати абадиро ба армуғон меорад.

Имсол Ваҳдати миллӣ бо ҷашни 35-солагии Истиқлол ҳамнавост, ваҳдат ҷашни пурҷалоли истиқлолро таҳким мебахшад, дарахти истиқлолро пуршукуфа мегардонад, меваҳои шаҳдбори истиқлолро шакарин менамояд, ки аз самари он коми ҳар тоҷику тоҷикистонӣ ширинтар мешавад.

Бале, ваҳдат хишти тиллоии давлат, боиси бақои миллат ва муҳимтар аз ин, пойдевори мустаҳками муҷассамаи сулҳу субот аст. Ваҳдат азми моро барои анҷоми корҳои муҳими давлату давлатдорӣ афзун менамояд, ҷаҳди ҳамагонро бобати татбиқи амалии иқдомҳои ҳидоятсози Пешвои миллат ҳамбаста ва рағбати ҷомеаро пайи бунёди давлати ҳуқуқасоси адолатпарвар ба вуҷуд меорад. Ба ин хотир, мо ин ҷашни муҳимтарини даврони истиқлол, яъне Рӯзи ваҳдати миллиро пос медорем, ба он арҷ мегузорем ва ҳамвора барои решадор шудани ниҳоли ваҳдати миллӣ ва пуршукуфа шудану самари ширин ба бор овардани он пайкор менамоем!

Ваҳдат ҷавҳари аслии ҳастии миллат аст. Бидуни суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ рушди рукнҳои давлати миллӣ ғайриимкон мебошад. Ваҳдати миллӣ имкон ба вуҷуд меоранд, ки дар баробари рушди ҷомеа тафаккури миллӣ инкишоф ёбад. Тафаккури рушдёфта қодир аст зиндагиро нав созад, ҳаётро дигаргун намояд, бо такя ба маҷмуи арзишҳои миллӣ дар муҳити башарӣ тағйироти миқдориву сифатӣ ба вуҷуд орад. Нообаста ба пешрафти ҷомеа маҷмуи арзишҳои миллӣ побарҷо мемонанд, зеро агар аз як тараф, ҳифозатгари онҳо мардум бошанд, аз ҷониби дигар, давлати миллӣ барои эҳёи ойин ва анъанаҳои миллӣ ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Ғояи сиёсиву мафкуравии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ваҳдат, ягонагӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва ободонии Ватани азизамон мебошад. Ин шоҳроҳи бунёдӣ, яъне ваҳдат ва худогоҳиву худшиносӣ шахсро водор месозад, ки ба қадри ҳамаи ин арзишҳои муқаддас – модар, Ватан, муқаддасоти миллӣ, истиқлолият, озодӣ ва рамзҳои давлатӣ, инчунин арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, забони модарӣ, адабиёти оламшумул ва таърихи маданияти куҳани халқи худ бирасад ва барои ба наслҳои оянда гузоштани мероси арзанда кӯшишу талош варзад.

Тоҷикистони соҳибистиқлол тӯли 35 сол инҷониб дар роҳи озодӣ, ободию созандагӣ, қадамҳои устувор мебардорад. Кишвари мо шебу фарози ҷодаи душвори истиқлолро паймуд, мардуми мо душвориҳои солҳои аввали истиқлолро паси сар кард. Вале ҳанӯз равандҳои пурихтилофи сиёсати ҷаҳонӣ моро хӯшдор медиҳанд, ки дар ҳифзи ваҳдат, суботи сиёсии ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳушёр бошем, барои нигоҳ доштани онҳо аз зиракии сиёсӣ кор бигирем. Зеро сари ҳар қадам дар ҷаҳони муосир равандҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Ин равандҳо ба мафкураи инсонҳо, бахусус ҷавонон таъсир мерасонанд.

Имрӯз ваҳдат, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар замири қишрҳои гуногуни ҷомеа, бавижа омӯзгорону равшанфикрон ва ҷавонон бештар рушд мекунад. Дар ин раванд нақши воситаҳои ахбори омма ниҳоят калон аст. Ин маънои онро дорад, ки давлат дар тарғиби ғояҳои ваҳдатофар аз имкониятҳои васеъи воситаҳои иттилоотии таъсиррасон бештар истифода мебарад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки роҳҳои тарғиби ваҳдат ва худшиносӣ ба фаъолияти давлати миллӣ низ вобаста аст. Аз ин рӯ, давлат низ кӯшиш мекунад, ки барои тарғиби ин ғояҳо ҳамаҷониба мусоидат кунад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои гуногуни ваҳдат, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ кушода шудаанд ва тарғиби ваҳдату худшиносӣ ба сифати рукнҳои давлатсози ҷомеа гӯшзад шудааст.

Инак, мо дар солгарди таҷлили 29-умини яке аз ҷашнҳои муҳимтарин барои мардуми шарифи Тоҷикистон – Ваҳдати миллӣ қарор дорем. Бо итминон метавон гуфт, ки дар тӯли 29 сол ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон шакл гирифт, ҳамчун ниҳол сабзид ва имрӯз аз борҳои он мардуми Тоҷикистон ком ширин мекунанд.

Оре, имрӯз бо ҳидоятҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ваҳдати миллӣ пайваста решадор мегардад. Муҳимтарин ва самарабахштарин омили ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлати миллӣ сулҳу осоиш аст. Фаъолияти собитқадамонаи зиёиён, нерӯҳои равшанфикр омили муҳиме дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлат мебошад.

Ваҳдати миллӣ дастоварди боарзиштарини Тоҷикистон дар даврони истиқлол буда, мардуми Тоҷикистон аз соли 1997 инҷониб ҳамасола санаи фархундаву сарнавиштсози 27 июнро бо шукргузорӣ аз Истиқлоли давлатӣ, давлатдории миллӣ, сулҳу суботи пойдор ва дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ ҷашн мегиранд. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав – пойтахти Русия ба имзо расид, дар таъмини сулҳу субот, тақвияти Ваҳдати миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, раванди созандагию ободонӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ заминаи боэътимод гузошт.

Ваҳдати миллӣ сутуне мебошад, ки давлат ва миллати моро пойдору устувор нигоҳ медорад ва вазифаи муқаддаси ҳамаи мо аз он иборат аст, ки бо заҳмати созанда ин пояи давлатдории миллиамонро боз ҳам таҳким бахшем. Дар марҳилаи навини имрӯза мо бояд беш аз ҳарвақта бо дасту дили поку нияти нек ва бо руҳияи баланди созандагӣ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон фаъолият намоем ва заҳмат кашем.

Бақои миллат аз бақои ваҳдати миллӣ маншаъ мегирад. Оре, ваҳдат моро ба ҳам меорад, ҳамбаста мекунад, барои иҷрои корҳои муҳим ҳамёр менамояд ва дар амри татбиқи ниятҳои наҷиби умумимиллӣ коргор месозад. Бигзор парчами сулҳу ваҳдат дар осмони Тоҷикистони азизу муқаддаси мо ҳамеша парафшон бошад, он барои миллати куҳанбунёди тоҷик ва кулли тоҷикистониён мояи бахту осоиш ва ниёишу ситоиш бошад:

Эй сулҳ! дар осмони мо ҷовидон парафшон бош,
то фарзандони ин сарзамин дигар ҳеҷ гоҳ
рӯзҳои талхи ҷудоиро набинанд!
Бигзор садои ягонаи мо аз Помир то Қасри Арбоб,
аз Зарафшон то Вахш,
аз Хуҷанд то Кӯлобу Рашт танинандоз шавад:
Мо як миллатем!, Мо тоҷикем! Ва ваҳдат тақдири мост!

**Бистунуҳумин ҷашни фархунда ва пуршарофати ваҳдати миллӣ муборак бошад, ҳамватанони гиромӣ!**


(Идома дар саҳ. 9)

РАВЗАНАИ ОШНОӢ

# ОЗОДАРӮЗГОР

**Ӯ бо гуфтори хуш, рафтори намуна, одоби ҳамда, дасти кушоду диди фарох ба дилу дидаҳо маъво гирифтааст. Ҳузури муборакаш бо дидаҳо нур, ба дилҳо сурур ва ба маҳфилҳо гармӣ мебахшад. Бо файзи қадамҳои некаш ҳатто дар зимистон баҳор мерад, зеро дилаш сафед ва кулбори орзуҳояш пурумед аст. Чунин хислатҳои ҳамида ӯро арҷманд ва гули сари сабад гардонидаанд. Дар асл инсони заминиву хоксор аст, накӯкориву инсонназвозиро аз падар Исмоилов Қосим ва ҳалимиву дилсӯзиро аз модар Каримова Гулнора ба мерос гирифтааст. Волидайнаш аз ноҳияи хушбоду ҳавои Ховалинг ба шаҳри Кулоб кӯчида, он ҷо муқимӣ шудаанд. Падараш умре дар мақомати давлатӣ кор карда, ба сифати омӯзгор насли ҷавонро ҷонибӣ сарманзили илму дониш парваришу ҳидоят намудааст, модараш ба сифати китобдор дар ташаккули маънавии ӯ саҳм гирифтааст.**

Оре, ӯ дар оилаи зиёӣ тарбият ёфтааст, ба ин сабаб ба қавле чашмаш сер ва дасту дилаш пок буда, дар роҳи шарофату ҳақталошӣ насиҳатҳои падарро то кунун ҳалқа ба гӯш карда аст. Ҳанӯз аз ёд набаровардааст, ки боре падар дар ҳузури ӯ ба гӯши бародараш гуфта буд: Писарам, дар зиндагӣ ҳаргиз duздӣ накун. Писар ҳайрон ба падараш нигоҳ карду чизе нагуфт. Чунки ӯ ҳаҷ гоҳ дар зиндагӣ дасти каҷ надошт. Падар лабханде заду идома дод: дар зиндагӣ дурӯғ нагуй, чун дурӯғ гуфтӣ, садоқатро дузидаӣ. Хиёнат накун, агар кардӣ, ишқро дуздидаӣ. Хушунат накун, агар кардӣ, муҳаббатро дуздидаӣ. Ноҳақ нагуй, агар гуфтӣ, ҳақро дуздидаӣ. Беҳаёӣ накун, агар кардӣ, шарофатро дуздидаӣ. Пас ҳеҷ гоҳ дӯздӣ накун!. Ӯ бо гузашти рӯзҳо акнун сарфаҳм меравад, ки чаро падар маҳз дар ҳузури ӯ чунин гуфта буд, яъне дарро задам, девор шунав.

Раҷабмоҳ Қосимоваро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳама мешиносанду эҳтиром мекунанд. Хислатҳои талаби донишу маърифат, баланд бардоштани малакаи касбӣ, дӯст доштани касби худ ӯро байни кормандон ва донишҷӯён соҳибобрӯ гардонидааст. Раҷабмоҳ Қосимова бонуи боғайрату тавонманд ва ибратбахшест, ки аз ҷавонӣ бо сару дили мардонавораш ба тобидан пар кашида, соли 1969 омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлобро бо баҳои аъло хатм кард. Муддате ҳамчун момодоя фаъолият дошт, баъдан факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро (1975-1980) поён бурд. Солҳои 2002 – 2007 сардори асноди ҳолати шаҳрвандии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид ва дар ин соҳа низ солеа чанд заҳмат кашид. Солҳои 2007 – 2008 ректори донишкадаи такмили ихтисоси кормандони Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи озмун солҳои 2008 – 2012 мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, солҳои 2012 – 2015 раиси Шурои занони донишгоҳ ва то ин ҷониб дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва ҳамзамон раиси Созмони ибтидоии собиқадорони ҷангу меҳнати донишгоҳи мазкур шуда, фаъолияташро давом медиҳад.

Раҷабмоҳ Қосимова аз он меболад, ки ҳамвора дар зиндагӣ ситораи толеъаш дурахшида, то ҳол шаъшаъапошӣ дорад. Ҳамсараш шодравон Халифабобо Ҳомидов аз чеҳраҳои саршиноси Тоҷикистон буда, то ба дараҷаи вазири адлияи Тоҷикистон расидааст. Ӯ аз ин рӯзгори якҷояи ширин хотираҳои неку ҷолиб дорад. Раҷабмоҳ дафтари рӯзгорашро варақ зада ба ёд меорад, ки соли 1981 ҳамроҳ бо ҳамсараш Халифабобо Ҳомидов бо сафари хизматӣ ба Афғонистон рафт. То соли 1984 Раҷабмоҳ дар шифохонаи Иттиҳоди Шуравӣ дар Кобул момодоя буду ҳамсараш дар донишгоҳи Кобул дарс мегуфт.

-Ману ҳамсар ва писарам дар як хона, дар ҳуҷраҳои алоҳида бо зану шавҳари русе аз Москва мезистем, ки аз забондонӣ, матонат ва хулқу атвори мо хушашон меомад. Дар ҳамсоягӣ афсарон зиндагӣ доштанд. Ба ҳаққу ҳамсоягон, мардуми таҳҷой ҳам ёрии тиббӣ мерасонидам. Маҳаллаҳои наву куҳнаи шаҳри Кобулро пуле ба ҳам мепайваст. Мағозае, ки ба шӯравиҳо хизмат мерасонд, дар он сӯи пул воқеъ буд. Дасти писаракамро гирифта, сӯи мағоза раҳсипор мешудам. Сари ҳар одам аз ҳар анвои ғизой яккилой медоданд. Ҳарчанд ғизо барои оилаи мо зиёд буд, ҳаққамро пура мегирифтам. Дар ду канори пул сарбозони шӯравӣ навбатдорӣ мекарданд ва қисме аз он ғизоҳоро ба онҳо ҳадя карда, як қисми дигарашро ба ҳамсоягон мебахшидам. Ба бонуони омӯзгори афғон ҳаваси кас меомад. Костюму доманҳои шинам, мӯйҳои зебо орододашуда ва портфел дар даст ба дарс мерафтанд. Ҳурмату эҳтироми хурду калон зиёд буд. Хиёлам, ки он замон зиндагӣ дар Афғонистон беҳтар аз имрӯза буд.

Баъзан савори автобус моро ба маркази шаҳри Кобул баҳри харид мебурданд, ба мағозаи калон, ки молу колои зебо дошт. Сарбозӣ русе хизматро адо намуда буду барои модараш ба суроғи савғо моро ҳамроҳӣ кард. Туҳфаҳоро интихоб менамуду аз ман маслиҳат мепурсид, ки барои модар кадоме писанд хоҳад омад. Ногаҳ тири ноҳалафе ба ӯ расиду пеши поям ба замин афтоду ҷон дод. Туҳфаҳои дасташ ҳар сӯ пареш хӯрданд. Ба даҳшат омадаму сахт мутаассир гаштам. Ҳар дам ба хаёлам, ки ин ҳодиса дирӯзакак буд,- қисса намуд бону Раҷабмоҳ.

Раҷабмоҳро заҳматҳои пайвастаи занони Афғонистон ба риққат меовард, ӯ шоҳиди он буд, ки ҳатто дар ҳолати ҷангӣ бонувони афғон ҷон ба каф гирифта, насли наврасро омӯзиш медоданд, бо либоси ягонаи расмии соҳавӣ ба таълимгоҳ мерафтанд, бархе аз онҳо дар роҳи омӯзишу парвариш ҷони худро фидо менамуданд. Дар роҳи таълими миллат ҷон фидо намудан барои Раҷабмоҳ Қосимова сабақи зиндагӣ шуд.

Таълиму тарбияи насли наврас сати дигари фаъолияти ин зани озодарӯзгор ба шумор меояд. Дар давоми фаъолияти меҳнатиаш Қосимова Раҷабмо Исмоиловна худро ҳамчун зани соҳибкасб, эҷодкор, оқилву доно ва дӯстдорандаи касби худ нишон дода, барои беҳтаршавии сифати таълиму тарбияи ҷавонон ва беҳтаршавии сифати кор дар ин муассиса корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Ӯ муаллифи ва ҳаммуаллифи



8 китобу дастури таълимӣ ва беш аз 60 мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ буда, дар конференсияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад ва иштирок намудааст.

Ин зани ташаббускору ҷӯянда ва озодарӯзгор шоҳиди зина ба зина рушди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аст. Дар пеши чашми ӯ маҳз дар даврони истиқлол донишоҳ симояшро ба куллӣ дигаргун намуд, биноҳои таълимӣ куллан таъмир гардида, бо ташаббуси ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, профессор Аҳлиддин Ибодуллозода бинои наву замонавии факултети забони русӣ мавриди истифода қарор гирифт, дар ҷодаи таълим тағйироти сифатӣ ба вуқӯъ пайваст, донишгоҳ дар ҷодаи байналмилалӣ ҷойгоҳи хоса касб кард. Бунёди хобгоҳи барҳавову замонавӣ барои омӯзгорон аз ташаббусҳои созандаи роҳбарият ба ҳисоб меояд, - мегӯяд ӯ.

Тарғиби худшиносии миллӣ бояд дар меҳвари фаъолияти омӯзгор қарор бигирад, - андеша дорад ин бонуи хирадпешад. Зеро касе, ки худро шиносад, ҷаҳони маънири фаҳмида метавонад. Илм бе одоб — чароғест бе нур. Ӯ дар раванди тадрис барои тақвияти ин маъно ба ҳикоятҳое истинод мекунад, ки ҷанбаи тарбиявӣ доранд, чунончӣ:

Рӯзе Ҷомӣ аз назди бозор мегузашт. Дар роҳ дид, ки гурӯҳе аз шогирдон бо устоди худ баҳс доранд. Онҳо аз Ҷомӣ хоҳиш карданд, ки ба баҳси онҳо ҳукм диҳад. Яке аз шогирдон бо ифтихор гуфт:

— Эй устоди бузург, ман тамоми китобҳои илмиро хондаам ва дигар чизе намондааст, ки надонам!

Ҷомӣ бо табассум ба ӯ нигарист ва гуфт:

— Пас, бигӯ, чи чиз аз ҳама душвортар аст?

Шогирд каме андешид ва гуфт:

— Аз ҳама душвортар — фаҳмидани илми осмон аст.

Ҷомӣ оромона гуфт:

— Не, фарзанд, аз ҳама душвортар фаҳмидани худи инсон аст. Агар касе худро шиносад, тамоми оламро мешиносад.

Он гоҳ рӯ ба шогирдон оварда гуфт:

— Илм на танҳо донистани китобҳост, балки одоб, хулқ ва шинохти нафс ҳам илмест. Он шогирд сар ба зери по андохт ва аз он рӯз фурӯтану хоксор гашт. Дар раванди дарс зикри чунин ҳикоятҳои омӯзандаро Раҷабмоҳ барои сайқал додани тафаккури толибилмон зарур мешуморад. Ин усули таълими ӯст.

Имрӯз номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Раҷабмоҳ Қосимова аз он ифтихор дорад, ки заҳматҳояш қадрдонӣ шудаанд. Соли 2017 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали "Хизмати шоиста" қадрдонӣ гардид. Номбурда дорандаи силсилаи Сипосномаву Ифтихорнома ва раҳматномаҳо буда, таълиму тарбияро волотарин неъмат бармешуморад.

Ӯ бо дарсҳои пурмазмун дили ҷӯяндагони ганҷи донишро ба зиндагӣ гарм мекунад, дарсҳои ӯ ба мисли пандӣ рӯз дар хотири шогирдон абадан нақш мебанданд, зеро бузургтарин дарси муаллим, дар дили шогирд навишта мешавад, на дар дафтараш.

**Саидмуроди Ҳоҷазод, профессор**

№06 (1096)
30 июни соли 2026

# ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҲИФЗИ МЕРОСИ АҶДОДИИ ТОҶИКОН

**(Дар ҳошияи иқдоми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъсиси «Ҷоизаи байналмилалии Ибни Сино» дар соҳаи тиб)**

**Дар таърихи ҳар халқу миллат чеҳраҳое ҳастанд, ки номи онҳо аз доираи як давра ва ҳатто як сарзамин фаротар меравад. Онҳо ба рамзи худшиносӣ, ба сутуни маънавии миллат ва ба нишонаи ҳузури он миллат дар тамаддуни башар табдил меёбанд. Барои миллати тоҷик чунин шахсиятҳо кам нестанд. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Берунӣ, Хайём, Балхӣ ва даҳҳо абармардони дигар на танҳо номҳои ифтихорӣ, балки саҳифаҳои зиндаи таърихи мо мебошанд. Аммо дар миёни онҳо Абуалӣ ибни Сино мақоми хос дорад. Ӯ нобиғаест, ки дар шахсияташ илм, фалсафа, тиб, ахлоқ, забон, фарҳанг ва неруи офарандаи ақли тоҷик ба ҳам омадаанд. Ибни Сино барои тоҷикон танҳо як донишманди бузурги гузашта нест. Ӯ далели таърихии он аст, ки ин миллат аз қадим соҳиби мактаби фикрӣ, забони илмӣ, фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии баланд будааст.**

Дар муҳити Сомониён ба камол расидани ӯ, ба забони форсии тоҷикӣ таълиф шудани «Донишнома», ҷойгоҳи падараш аз Балх ва модараш аз Афшана, ҳамчунин ишораҳои сершумори муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ, ҳама як ҳақиқатро равшан мекунанд Ибни Сино фарзанди ҳамин ҳавзаи тамаддунӣ аст, фарзанди ҳамон ҷаҳони маънавиест, ки онро имрӯз бо номи таърихии тоҷикон мешиносем. Масъалаи мансубияти Ибни Сино дар ду садаи охир борҳо мавриди баҳс қарор гирифтааст. Сабаби ин баҳсҳо низ равшан аст. Шахсиятҳои бузург, вақте ба мероси умумибашарӣ табдил меёбанд, аксар вақт мавриди даъвои миллатҳо қарор мегиранд. Баъзеҳо мехоҳанд бо нисбат додани чунин чеҳраҳо ба худ, барои таърихи хеш пояи баландтар созанд. Вале ҳақиқати илмӣ бо хоҳишу даъво иваз намешавад.

Дар чунин шароити мураккаби таърихсозӣ ва ҳувиятсозии ҷаҳони муосир нақши давлат ва роҳбарияти сиёсӣ бисёр муҳим мегардад. Миллате, ки аз мероси худ дифоъ намекунад, дер ё зуд шоҳид мешавад, ки дигарон он меросро аз номи худ муаррифӣ мекунанд. Ин ҳақиқат дар таърихи бисёр халқҳо борҳо собит шудааст. Аз ин ҷост, ки сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти бузурги миллӣ ва байналмилалӣ пайдо мекунад. Пешвои миллат аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо ба бунёди давлат, таҳкими сулҳ ва ваҳдати миллӣ, балки ба эҳёи хотираи таърихӣ, ҳифзи мероси аҷдодӣ ва муаррифии чеҳраҳои мондагори тоҷикон дар арсаи ҷаҳон таваҷҷуҳи пайгирона зоҳир намудаанд.

Таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб идомаи мантиқии ҳамин сиёсати бузурги миллӣ мебошад, ки ҷоиза бо мақсади арҷгузорӣ ба саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илми тиб ва эътирофи дастовардҳои бузург дар соҳаи тиб таъсис ёфтааст.

Ин иқдомро набояд танҳо ҳамчун таъсиси як ҷоизаи илмӣ шарҳ дод. Маънои он амиқтар аст. Дар ин ҷо се сатҳи муҳим ба ҳам мепайванданд. Аввал, сатҳи таърихӣ: Тоҷикистон ҳамчун вориси тамаддуни Сомониён ва фарҳанги бузурги тоҷикӣ бори дигар ба ҷаҳон хотиррасон мекунад, ки Ибни Сино аз ҳамин муҳити таърихӣ бархостааст. Дуюм, сатҳи илмӣ: давлат бо ҷоизаи ба номи Ибни Сино олимони соҳаи тибро ба таҳқиқ, кашф, навоварӣ ва хидмат ба инсоният даъват мекунад. Сеюм, сатҳи сиёсиву маънавӣ: Пешвои миллат ба ҷаҳони пурошӯби имрӯз паёме мерасонанд, ки роҳи наҷоти башарият на дар ҷанг, на дар қудратталабӣ, на дар ғасби сарватҳо, балки дар илм, сулҳ, ҳамкорӣ, инсонпарварӣ ва маърифат аст.

Имрӯз ҷаҳон дар марҳалаи бисёр ҳассос қарор дорад. Дар як гӯшаи он ҷанг, дар гӯшаи дигар рақобатҳои геосиёсӣ, дар ҷойи дигар фақр, беморӣ, муҳоҷират, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим зиндагии инсонро таҳдид мекунад. Бисёре аз сарони давлатҳо неруи худро ба ҷамъоварии қудрат, захира, силоҳ ва нуфузи сиёсӣ равона мекунанд. Дар ҳамин замина, мавқеи Пешвои миллати тоҷикон хусусияти тамоман дигар дорад. Сиёсати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар меҳвари сулҳ, ваҳдат, ободонӣ, илму маърифат, ҳифзи пиряхҳо, мубориза бо оқибатҳои тағйирёбии иқлим, тарбияи ҷавонон ва гуфтугӯи тамаддунҳо қарор дорад. Ин сиёсат аз солҳои нахустини оғози фаъолияти Роҳбари давлат бо руҳи байти ҷовидонаи Саъдии Шерозӣ ҳамоҳанг аст:

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**

Маҳз ҳамин ҷаҳонбинӣ дар ташаббуси таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино низ дида мешавад. Ибни Сино табибе буд, ки илмро барои ҳифзи ҳаёт, барои сабук кардани ранҷи инсон ва барои фаҳмидани сирри табиат истифода мекард. Пешвои миллат бо эҳёи номи ӯ дар сатҳи байналмилалӣ, дар асл, илми тибро ба рисолати ахлоқӣ ва башардӯстонаи худ бармегардонанд. Ин ҷоиза танҳо барои ифтихори миллӣ нест. Он барои инсон аст, барои ҳаёт аст, барои саломатӣ ва ояндаи башарият аст. Ибни Сино дар таърихи илми тиб ҷойгоҳи беназир дорад. «Ал-Қонун фи-т-тиб»-и ӯ садсолаҳо дар марказҳои илмии Шарқ ва Аврупо ҳамчун яке аз муҳимтарин манбаъҳои тиббӣ истифода мешуд.

Аз ин назар, таъсиси ҷоиза ба номи Ибни Сино як навъ бозгашти Тоҷикистон ба решаҳои илмии худ аст. Миллате, ки дар гузашта чунин донишмандро ба ҷаҳониён додааст, имрӯз низ ҳақ дорад ва вазифадор аст, ки дар рушди илм саҳм гузорад. Ин ҷоиза ба ҷавонони тоҷик як паёми равшан медиҳад, ки қаҳрамони воқеии миллат танҳо ҷанговар ё соҳибсарват нест. Қаҳрамони миллат донишманд, табиб, муҳаққиқ, омӯзгор ва ихтироъкор низ ҳаст. Ҷомеае, ки олимро қадр мекунад, ба ояндаи худ сармоя мегузорад. Ҷомеае, ки илму маърифатро ба маркази сиёсати давлатӣ мегузорад, роҳи рушдро дуруст интихоб мекунад.

Дар ин ҷо боз як нуктаи муҳим ба назар мерасад. Пешвои миллат бо таъсиси чунин ҷоиза танҳо номи Ибни Синоро гиромӣ намедоранд, балки масъулияти ворисиро низ ба миён мегузоранд. Ворисӣ Ибни Сино будан танҳо ифтихор нест. Ин масъулият аст. Агар мо худро вориси Сино медонем, бояд ба илм, дониш, таҳқиқ, китоб, озмоишгоҳ, мактаб, донишгоҳ ва тарбияи кадрҳои нав муносибати ҷиддӣ дошта бошем. Ворисӣ бо сухан исбот намешавад. Ворисӣ бо амал, бо таҳқиқоти нав, бо рушди тиб, бо ихтироъ, бо тарбияи ҷавонони донишманд ва бо саҳмгузорӣ дар илми ҷаҳонӣ собит мегардад.

Дар сиёсати Пешвои миллат ҳамин пайванди ифтихор ва масъулият равшан дида мешавад. Эмомалӣ Раҳмон дар баробари бузургдошти чеҳраҳои таърихӣ, ҳамеша таъкид менамоянд, ки ҷавонон бояд илм омӯзанд, забон донанд, касб омӯзанд, ватандӯст бошанд ва дар ҷаҳони муосир бо дониш рақобат кунанд. Ин назария танҳо сухани тарбиявӣ нест. Ин барномаи стратегии давлатсозӣ аст. Зеро дар асри XXI сарвати асосии ҳар кишвар мағзи инсон, неруи зеҳнӣ, ихтироъ, технология ва қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти ҷаҳонӣ мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино метавонад дар оянда ба яке аз рамзҳои нави илммеҳварии Тоҷикистон табдил ёбад. Агар ин ҷоиза бо меъёрҳои баланд, бо ҳайати бонуфузи илмӣ, бо иштироки донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ роҳандозӣ гардад, он метавонад номи Тоҷикистонро дар харитаи илмии ҷаҳон боз ҳам равшантар намояд. Бахусус дар даврае, ки ҷаҳон бо бемориҳои нав, паҳншавии вирусҳо, пиршавии аҳолӣ, мушкилоти саломатии равонӣ, оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва нобаробарии дастрасӣ ба тиб рӯ ба рӯ аст, чунин ҷоиза метавонад ба як минбари муҳим барои ҳавасманд кардани кашфиёти тиббӣ мубаддал шавад.

Ин ташаббус инчунин баҳсҳои беасос дар атрофи шахсияти Ибни Синоро ба сатҳи нав мебарад. Ба ҷойи он ки танҳо дар майдони баҳсҳои таърихӣ исбот кунем, ки Ибни Сино аз кист, Тоҷикистон бо забони амал нишон медиҳад, ки вориси ҳақиқии ӯ кист. Ворисӣ ҳақиқӣ касест, ки номи ӯро зинда медорад, осорашро меомӯзад, меросашро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад ва рӯҳи илмии ӯро дар замони нав идома медиҳад. Таъсиси ҷоизаи байналмилалӣ маҳз ҳамин гуна посух аст. Посухи ором, илмӣ, фарҳангӣ ва давлатсозона. Дар ин замина, сиёсати Пешвои миллатро метавон ҳамчун намунаи дифои тамаддунӣ арзёбӣ кард. Ин дифоъ бо шиорҳои хушку холӣ анҷом намеёбад. Он бо муассиса, китоб, ҷоиза, конфронс, таҷлил, таҳқиқ, тарҷума, нашр ва тарбияи насли нав амалӣ мегардад. Ҳамин роҳ роҳи устувор аст. Зеро миллат бо овоз баланд кардан бузург намешавад. Миллат вақте бузург мемонад, ки мероси худро бо далел, бо фарҳанг, бо дониш ва бо амал ҳифз мекунад.

Таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб як рӯйдоди одии маъмурӣ нест. Ин иқдом эъломи фарҳангии давлат, паёми илмии Тоҷикистон ба ҷаҳон ва нишонаи масъулияти таърихии Пешвои миллат дар ҳифзи мероси аҷдодии тоҷикон мебошад. Бо ин ташаббус Тоҷикистон бори дигар собит мекунад, ки мероси Ибни Сино барои мо танҳо хотираи китобӣ нест. Он бахше аз худшиносии миллӣ, бахше аз сиёсати давлатӣ ва бахше аз ормони ояндаи мост. Миллате, ки Ибни Синоро ба ҷаҳон додааст, бояд дар асри нав низ ба илм рӯ оварад. Миллате, ки чунин мерос дорад, ҳақ надорад аз майдони дониш канор равад. Ва давлате, ки дар саргаҳи он Пешвои фарҳангпарвар, сулҳсоз ва илммеҳвар қарор дорад, метавонад ин меросро аз саҳифаҳои таърих ба неруи зиндаи имрӯзу фардо табдил диҳад. Аз ҳамин нигоҳ, иқдоми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб на танҳо арҷгузорӣ ба як нобиғаи тоҷик, балки ҳифзи ҳақиқати таърихӣ, эҳёи шарафи илмии миллат ва даъват ба башарият барои бозгашт ба роҳи хирад, сулҳ, маърифат ва инсонпарварӣ мебошад. Ин аст маънои баланди меросдорӣ. Ин аст ҷавоби тоҷикона ба ҷаҳоне, ки бештар аз ҳар вақти дигар ба Сино, ба дониш ва ба сулҳ ниёз дорад.

Дар идомаи ҳамин сиёсати фарҳангпарварона ва таърихмеҳвари Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яке аз иқдомҳои басо рамзӣ ва мондагор бозгардонидани хоки фарзандони фарзонаи миллат, шахсиятҳои барҷастаи давлатӣ Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад аз Русия ба Ватан мебошад. Ин амал танҳо як рӯйдоди расмӣ ё маросими давлатӣ нест. Дар паси он маънои бисёр амиқи таърихӣ, миллӣ ва ахлоқӣ нуҳуфтааст. Миллат вақте ба камол мерасад, ки на танҳо имрӯз ва фардои худро месозад, балки гузаштагони худро низ фаромӯш намекунад, номи онҳоро зинда медорад ва ҳаққи таърихии онҳоро ба ҷой меорад. Бозгардонидани хоки чунин шахсиятҳо ба сарзамини аҷдодӣ нишонаи равшани эҳтиром ба гузаштагон, пос доштани хотираи шахсиятҳои миллӣ ва соҳибӣ намудани мероси таърихии халқ мебошад. Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад аз ҷумлаи он чеҳраҳое мебошанд, ки дар марҳалаҳои ҳассоси таърихи давлатдории тоҷикон бо ирода, ҷасорат ва садоқат барои тақдири миллат хизмат кардаанд. Онҳо дар роҳи ташаккули худшиносӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳузури сиёсии тоҷикон дар саҳнаи таърих нақши арзанда гузоштаанд. Аз ин рӯ, бозгашти рамзии онҳо ба Ватан, дар асл, бозгашти як бахши хотираи таърихии миллат ба оғӯши худи миллат аст.

Ин иқдоми таърихӣ далели возеҳи дигарест, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо роҳбари сиёсии давлати соҳибистиқлол, балки меросбари воқеии халқи тоҷик ва посдори хотираи таърихии он мебошанд. Маҳз маҳсули хиради воло, ҷаҳонбинии давлатсозона ва эҳсоси баланди масъулияти миллии Пешвои миллат аст, ки чунин саҳифаҳои фаромӯшшудаи таърих дубора зинда мешаванд. Дар ин гуна иқдомҳо сиёсат бо ахлоқ, давлатдорӣ бо фарҳанг ва ҳокимият бо хотираи миллӣ ба ҳам мепайванданд. Миллате, ки фарзандони содиқ ва қаҳрамонони худро қадр мекунад, метавонад пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва ифтихори ватандории худро боз ҳам устувортар гардонад. Аз ин нигоҳ, бозгардонидани хоки ин шахсиятҳои барҷаста ба Ватан на танҳо як амали инсондӯстона, балки рамзи эҳтиром ба таърих, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ ба шумор меравад. Ин амал ба насли имрӯза низ паёми равшан медиҳад. Ҳар миллате, ки мехоҳад ояндаи устувор дошта бошад, бояд бо гузаштаи худ муносибати бошарафона дошта бошад. Пойдории давлатдорӣ аз ҳамин ҷо оғоз мешавад, аз эҳтиром ба решаҳо, аз қадршиносии фарзандони содиқ ва аз ҳисси масъулият дар назди таърих.



**Мубирхони Мӯминпур,**
**муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

*(Идома дар саҳ. 12)*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ТАШАББУСҲОИ СУЛҲОФАРИНИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Рӯзи Ваҳдати миллӣ барои мардуми Тоҷикистон танҳо як санаи тақвимӣ нест, балки рамзи пирӯзии хиради сиёсӣ, фарҳанги сулҳофарӣ ва иродаи қавии миллат дар роҳи ҳифзи давлатдорӣ мебошад. Таҳлили ин рӯзи муқаддас дар соли 2026 бо рӯйдоди дигари дорои аҳаммияти бузурги байналмилалӣ – қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027–2036» ҳамзамон гардид. Ин ҳамоҳангии таърихӣ бори дигар собит месозад, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон имрӯз аз сатҳи арзиши миллӣ гузашта, ба яке аз намунаҳои саҳми воқеии Тоҷикистон дар рушди фарҳанги сулҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.**

Дар ҷаҳони муосир, ки бо низоъҳои сиёсӣ, ихтилофҳои геополитикӣ, таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ, тағйирёбии иқлим ва бӯҳронҳои гуманитарӣ рӯ ба рӯ аст, масъалаи таҳкими сулҳи пойдор беш аз ҳар вақти дигар аҳаммияти стратегӣ касб намудааст. Маҳз дар чунин шароит Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипҳои сулҳҷӯӣ, эҳтироми ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамкории созанда ва масъулияти муштарак бунёд намуда, ба яке аз кишварҳои ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ мубаддал гардидааст.

Таърихи навини Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сулҳ ҳеҷ гоҳ ба таври худкор ба даст намеояд. Он натиҷаи муколама, таҳаммулпазирӣ, созиш ва масъулияти баланди сиёсӣ мебошад. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 на танҳо ҷанги шаҳрвандиро хотима бахшид, балки заминаи ташаккули давлати соҳибистиқлол, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди устувори кишварро фароҳам овард. Аз ҳамин ҷост, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон имрӯз аз ҷониби муҳаққиқон ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун яке аз намунаҳои муваффақи ҳалли низоъҳои дохилӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027–2036» идомаи мантиқии сиёсати башардӯстона ва сулҳпарваронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин ташаббус бори дигар нишон медиҳад, ки Тоҷикистон масъалаи сулҳро на танҳо ҳамчун арзиши миллӣ, балки ҳамчун масъулияти умумии ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ менамояд.

Моҳияти асосии ин даҳсолаи байналмилалӣ дар он ифода меёбад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд фарҳанги сулҳро аз доираи санадҳои сиёсӣ ба фарҳанги зиндагии мардум табдил диҳад. Сулҳи воқеӣ танҳо дар сурати таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими маориф, рушди илму технология, эҳтироми гуногунандешӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи насли дорои ҷаҳонбинии инсонгаро таъмин мегардад. Аз ин рӯ, татбиқи ҳадафҳои ин даҳсола масъулияти муштараки давлатҳо, муассисаҳои илмӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як шаҳрванд мебошад.

Дар ин раванд нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Донишгоҳ имрӯз танҳо маркази омӯзиши илм нест, балки фазои ташаккули фарҳанги сиёсӣ, тафаккури интиқодӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва арзишҳои инсонгароӣ мебошад. Омода намудани мутахассисони баландихтисос бояд ҳамзамон бо тарбияи шахсиятҳое сурат гирад, ки сулҳ, ваҳдат ва ҳамкории байналмилалиро ҳамчун арзишҳои бунёдӣ қабул менамоянд.

Барои Тоҷикистон мафҳуми ваҳдати миллӣ танҳо муттаҳидии сиёсӣ нест. Он маҷмӯи арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва маънавие мебошад, ки суботи ҷомеаро таъмин менамоянд. Ваҳдат имконият фароҳам оварinternal, ки кишвар ба рушди иқтисодӣ, густариши инфрасохтор, таҳкими низоми маориф, рушди илм, фарҳанг ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ноил гардад. Ҳамаи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ маҳз бар пояи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба вуҷуд омадаанд.

Аз нуқтаи назари назарияи муносибатҳои байналмилалӣ, ташаббусҳои Тоҷикистон намунаи амалии истифодаи «дипломатияи арзишҳо» мебошанд. Кишвар бо пешниҳоди масъалаҳое, ки ба манфиати тамоми инсоният равона шудаанд, аз ҷумла об, иқлим, пиряххо ва ҳоло таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, мавқеи худро ҳамчун иштирокчии фаъоли низоми байналмилалӣ таҳким бахшидааст. Ин сиёсати хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳатто давлатҳои дорои имкониятҳои маҳдуд низ метавонанд тавассути ташаббусҳои созанда дар ташаккули рӯзномаи ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоранд.

Имрӯз вазифаи муҳими ҷомеаи илмӣ аз таҳқиқи амиқи таҷрибаи сулҳи тоҷикон, омӯзиши омилҳои устувории ваҳдати миллӣ ва пешниҳоди роҳҳои нави таҳкими фарҳанги сулҳ иборат мебошад. Илм бояд ба рушди тафаккури сулҳҷӯёна, муқовимат ба ифротгароӣ ва таҳкими масъулияти иҷтимоӣ мусоидат намояд. Танҳо дар ин сурат дониш метавонад ба нерӯи воқеии рушди устувор ва амнияти башарият табдил ёбад.



Кенҷазод Фаридун, сармуҳаррири нашрияи "Омӯзгори ҷавон"-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Ҳамзамон таҳлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва қабули қатъномаи нави Созмони Милали Муттаҳид паёми равшане ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки сулҳ танҳо хотимаи ҷанг нест, балки раванди доимии эҷоди эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ ва рушди инсон аст. Ин арзишест, ки бояд барои наслҳои имрӯз ва фардо ҳифз ва тақвият дода шавад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027–2036» идомаи мантиқии таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва саҳми арзишманди кишвар дар таҳкими амнияту суботи байналмилалӣ мебошад. Ваҳдати миллӣ ҳамчун бузургтарин дастоварди давлатдории навини тоҷикон ва дипломатияи сулҳпарваронаи Тоҷикистон ҳамчун самти муҳими сиёсати хориҷӣ, ду рукни ба ҳам пайвастаи рушди устувори кишвар ва масъулияти он дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд. Маҳз ҳамин арзишҳо Тоҷикистонро имрӯз ҳамчун давлати сулҳпарвар, ташаббускор ва масъули ҷомеаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд.

# ТАЪСИСИ ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР СОҲАИ ТИБ ВА АҲАММИЯТИ ОН

*(Аввалаш дар саҳ. 7)*

Бояд қайд кард, ки соҳаи тандурустӣ дар кишвари мо яке аз самтҳои стратегии рушди давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, барои таъмини солимии аҳолии он заминаҳои устувор гузошта шудаанд. Ба ғайр аз таҳқиқоти илмие, ки дар Маркази синошиносии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва инчунин дар Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино ва муассисаҳои дигари илмию таҳқиқотӣ анҷом гирифтаанд, дар Тоҷикистон бунёд ёфтани донишгоҳҳо ва техникумҳою литсейҳои тиббӣ, корхонаҳои дорусозӣ, шифохонаҳо ва дармонгоҳҳо, сохтмону таҷдиди муассисаҳои дигари тиббӣ, ворид намудани технологияҳои муосири ташхисиву табобатӣ, рақамикунонии хизматрасонии тиббӣ, беҳтар намудани заминаи моддиву техникӣ, омода намудани мутахассисони баландпоя ва татбиқи барномаҳои миллии ҳифзи саломатӣ аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки барои баланд гардидани сифати хизматрасонии тиббӣ замина фароҳам оварда, далели ин гуфтаҳо ва натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Омӯзиши осори Ибни Сино ва дар амалия татбиқ намудани он аз тариқи ин муассисаҳою корхонаҳо на танҳо ба мо кӯмак мерасонад, ки арзишҳои таърихиии ниёконамонро дарк кунем, балки он ҳамчунин барои рушди огоҳии экологӣ, беҳсозии меъёрҳои ахлоқӣ ва асосҳои методологии илм мусоидат намуда, барои дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудани онҳо мусоидат хоҳад кард.

Ташаббуси дигари Пешвои миллат, барои ҳифз ва рушди осори Ибни Сино он аст, ки қариб ҳамасола барои омӯзиш ва муаррифии осори Ибни Сино ташкили симпозиумҳои байналмилалӣ роҳандозӣ мешавад, ки дар онҳо аз дохил ва хориҷи кишвар барои табодули таҷриба ва муаррифии таълимоти Ибни Сино донишмандони зиёд ба ҳам меоянд. Худи ҳамин сол, бо дастгирии Пешвои миллат, Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1045 солагии Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, зери унвони "Нақши Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ" баргузор гардид, ки донишмандони зиёде аз дохил ва хориҷи кишвар ҳам ба тарзи ҳузурӣ ва ҳам ғайри ҳузурӣ доир ба нақши Ибни Сино дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва аҳамияти мондагори осори ӯ маърузаҳо ироа намуданд.

Таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб маҳз аз ҳамин нуқтаи назар аҳаммияти бузург дорад. Ин ҷоиза метавонад ба яке аз муҳимтарин воситаҳои ҳавасмандгардонии олимон табдил ёбад ва аз ҷониби дигар, барои тақият бахшидан ба ҳувияти миллии тоҷикон ва ифтихори онҳо аз дастовардҳои илмию фарҳангии бузургони соҳаҳои онҳо мусоидат намояд.

Хулоса метавон гуфт, ки таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб падидаи нодир дар кишвар буда, аҳамияту нуфуз ва эътибори он аз Ҷоизаи Нобел камӣ надорад.

# ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҲИФЗИ МЕРОСИ АҶДОДИИ ТОҶИКОН

**(Дар ҳошияи иқдоми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъсиси «Ҷоизаи байналмилалии Ибни Сино» дар соҳаи тиб)**

*(Аввалаш дар саҳ. 10)*

Имрӯзҳо мо дар сархати расонаҳои хабарии ҷаҳон мебинем, ки чӣ гуна дар минтақаҳои гуногуни олам даргириҳо, ҷангҳо, рақобатҳои шадиди сиёсӣ, давлатсозӣ ва азнавтақсимкунии вазъи геосиёсӣ идома доранд. Харитаи сиёсии ҷаҳон гӯё ҳар рӯз бо истироб, нигаронӣ ва рақобатҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Дар баъзе кишварҳо масъалаи амният, дар баъзеи дигар масъалаи ваҳдати миллӣ ва дар ҷойи дигар масъалаи бақои давлатдорӣ ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтааст. Дар чунин фазои пурташвиш, арзиши сулҳ, субот ва оромӣ бештар аз ҳар вақти дигар эҳсос мегардад. Вале хушбахтона ва шукронаи сиёсати хирадмандона, сулҳпарварона ва созандаи ин Марди Худо, яъне Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон дар расонаҳо ва минбарҳои байналмилалӣ бештар бо сулҳу ваҳдат, ягонагӣ, фазои созандагӣ, амну осоиш ва ташаббусҳои башардӯстона ёд мешавад. Ин дастоварди одӣ нест. Тоҷикистон солҳои навадуми асри гузашта худ аз оташи ҷанги шаҳрвандӣ гузашта буд. Аммо маҳз бо ҷасорат, хирад, сабр ва иродаи Эмомалӣ Раҳмон ин сарзамин аз вартаи парокандагӣ раҳо ёфт ва ба роҳи сулҳ, ваҳдат ва ободӣ баргашт.

Дар ҳамин замина, тақсим намудани китоби безаволи «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба мардуми кишвар низ аз муҳимтарин нишонаҳои соҳибӣ ва пуштибонӣ аз тамаддуни пурғановати тоҷик мебошад. Ин иқдомҳо китобро аз рафҳои китобхонаҳо ба хонаи мардум, ба зеҳни наслҳо ва ба фазои маънавии ҷомеа мебаранд. «Тоҷикон» барои миллати мо санади худшиносӣ аст. «Шоҳнома» бошад, китоби нангу номус, хирад, давлатдорӣ ва рӯҳи миллӣ мебошад. Вақте давлат ин гуна осорро ба мардум мерасонад, дар асл, хотираи таърихиро ба неруи зиндаи иҷтимоӣ табдил медиҳад.

Аз ин рӯ, сиёсати фарҳангии Пешвои миллатро бояд танҳо дар доираи таҷлилҳо, ҷашнҳо ё барномаҳои расмӣ маҳдуд накард. Ин сиёсат як низоми мукаммали давлатсозӣ аст. Он ба мардум мефаҳмонад, ки тоҷик будан танҳо мансубияти қавмӣ нест. Тоҷик будан масъулият аст, фарҳанг аст, забон аст, китоб аст, таърих аст, сулҳ аст ва иродаи зиндагии шоиста дар Ватани соҳибистиқлол аст.

Хулоса, ҳифзи мероси аҷдодии тоҷикон дар сиёсати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо як самти фарҳангӣ ё маънавӣ нест, балки пояи муҳими давлатдории миллӣ мебошад. Аз эҳёи номи Абуалӣ ибни Сино ва таъсиси Ҷоизаи байналмилалии ба номи ӯ дар соҳаи тиб то бозгардонидани хоки фарзандони фарзонаи миллат ба Ватан, аз бузургдошти Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ғафуров ва дигар чеҳраҳои таърихӣ то паҳн намудани китобҳои сарнавиштсоз миёни мардум, ҳамаи ин иқдомҳо як занҷири ягонаи маънавиро ташкил медиҳанд. Ин занҷир гузашта, имрӯз ва ояндаи миллатро ба ҳам мепайвандад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ нишон доданд, ки давлатдорӣ танҳо сохтани роҳу неругоҳ, бунёди муассисаҳо ва таҳкими иқтисод нест. Давлатдорӣ пеш аз ҳама сохтани инсон, эҳёи хотира, тарбияи насл, ҳифзи забон, пос доштани фарҳанг ва бедор намудани эҳсоси ифтихори миллӣ мебошад. Миллате, ки хотираи худро аз даст медиҳад, дар ҷаҳони пурраќобати имрӯз дер намепояд. Аммо миллате, ки гузаштаи худро мешиносад, фарзандони бузурги худро қадр мекунад ва мероси худро бо забони илм, фарҳанг ва амал ба ҷаҳон муаррифӣ менамояд, соҳиби ояндаи устувор мегардад. Иқдомҳои Пешвои миллат дар самти ҳифзи мероси таърихӣ, эҳёи номҳои бузург, пуштибонии илм, сулҳ, ваҳдат ва фарҳанг нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон роҳи худро ҳамчун давлати соҳибтамаддун, сулҳпарвар ва худшинос интихоб кардааст. Дар ҷаҳоне, ки бисёре аз кишварҳо бо ҷанг, низоъ ва рақобатҳои геосиёсӣ машғуланд, Тоҷикистон бо паёми сулҳ, дониш, фарҳанг ва инсонпарварӣ ба майдони байналмилалӣ мебарояд. Ин худ як ҷавоби тоҷикона ба замони пурошӯби мост.

Аз ҳамин ҷост, ки таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино, эҳтиром ба фарзандони фарзонаи миллат, бозгардонидани хоки шахсиятҳои таърихӣ, тақсими «Тоҷикон» ва «Шоҳнома» ва даҳҳо иқдоми дигарро бояд дар як манзараи бузургтар дид. Ҳамаи онҳо ифодаи як андешаи меҳварӣ мебошанд. Миллати тоҷик соҳиби таърих, фарҳанг, хирад ва рисолати тамаддунӣ аст. Ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони нав ҳамин рисолатро аз саҳифаҳои таърих ба сиёсати зиндаи давлатӣ табдил додаанд. Ин аст маънои аслии меросдорӣ. Ин аст посухи миллат ба таърих. Ин аст роҳи тоҷикон ба сӯи ояндае, ки бар пояи сулҳ, ваҳдат, дониш, фарҳанг ва ифтихори миллӣ бунёд меёбад.

# КАБӮТАРИ СУЛҲ ДАР ОСМОНИ МУСАФФОИ ТОҶИКИСТОН



**Марҷонаи Амон, дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва забонҳои МДТ Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия**

**Сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои ҳар як миллату давлат аз бузургтарин неъматҳо ба ҳисоб меравад. Маҳз сулҳ аст, ки барои зиндагии осоишта, рушди иқтисодӣ, пешрафти фарҳанг ва таълиму тарбия заминаи мусоид фароҳам меорад. Барои мардуми Тоҷикистон сулҳ арзиши бузург ва муқаддас дорад, зеро он баъд аз солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ ба даст омадааст. Имрӯз кабӯтари сулҳ дар осмони мусаффои Тоҷикистон парвоз намуда, аз оромӣ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии мардуми кишвар башорат медиҳад.**

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Солҳои аввали истиқлол барои мардуми тоҷик давраи санҷишҳои сахт буд. Ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва зиндагии мардум зарари калон расонд. Ҳазорон нафар ҷони худро аз даст доданд ва ҳазорони дигар маҷбур шуданд, ки тарки хонаю ватани худ намоянд. Дар чунин шароити душвор зарурати барқарор намудани сулҳ ва ваҳдат аз ҳама масъалаҳои дигар муҳимтар буд.

Бо талошҳои пайгиронаи роҳбарияти давлат, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иродаи неки мардуми Тоҷикистон, ниҳоят сулҳу субот барқарор гардид. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон саҳифаи нав кушод. Ин рӯйдоди муҳим барои рушди минбаъдаи кишвар заминаи устувор гузошт ва Тоҷикистонро ба роҳи созандагию бунёдкорӣ раҳнамоӣ кард.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол, сулҳпарвар ва рӯ ба рушд дар арсаи байналмилалӣ шинохта шудааст. Дар тамоми гӯшаву канори мамлакат корҳои ободонӣ вусъат ёфта, муассисаҳои нави таълимӣ, беморхонаҳо, роҳҳо, пулҳо ва дигар иншоотҳои муҳими иҷтимоӣ сохта мешаванд. Ҳамаи ин дастовардҳо маҳз ба шарофати сулҳу суботи пойдор ба даст омадаанд. Агар сулҳ намебуд, амалӣ гардидани чунин корҳои бузург ғайриимкон буд.

Ҷавонон, ки ояндаи миллат мебошанд, дар фазои орому осуда таҳсил мекунанд, касбу ҳунар меомӯзанд ва барои рушди кишвар саҳм мегузоранд. Давлат барои таълиму тарбия ва рушди онҳо тамоми шароитҳоро фароҳам овардааст. Ин ҳама аз баракати сулҳ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифадор аст, ки ин неъмати бебаҳоро қадр намояд ва барои ҳифзи он кӯшиш кунад.

Кабӯтари сулҳ рамзи дӯстӣ, меҳру муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ аст. Парвози он дар осмони мусаффои Тоҷикистон баёнгари он мебошад, ки мардуми кишвар роҳи сулҳ, созандагӣ ва ҳамзистии осоиштаро интихоб намудаанд. Имрӯз намояндагони миллату халқиятҳои гуногун дар Тоҷикистон дар фазои дӯстӣ ва эҳтироми ҳамдигар зиндагӣ мекунанд. Ин ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдат яке аз омилҳои муҳими пешрафти ҷомеа ба шумор меравад.

Дар замони муосир, ки дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон ҳанӯз низоъ ва ҷангҳо идома доранд, Тоҷикистон ҳамчун намунаи сулҳофарӣ ва ваҳдати миллӣ шинохта мешавад. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон нишон медиҳад, ки ҳар гуна мушкилотро метавон тавассути муколама, таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳал намуд. Аз ин рӯ, ҳифзи сулҳ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Илова ба ин, нақши сулҳ дар рушди фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллӣ низ хеле бузург аст. Дар фазои орому осуда анъанаҳои неки миллӣ эҳё гардида, ҷашнҳои таърихиву фарҳангӣ бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил мешаванд. Имрӯз мардуми Тоҷикистон ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада ва дигар ойинҳои миллиро бо ифтихор баргузор менамоянд. Ин ҳама нишон медиҳад, ки сулҳ барои рушду нумӯи фарҳанги миллӣ заминаи устувор фароҳам овардааст.

Ҳамзамон, сулҳ ба рушди соҳаи маориф ва илм таъсири мусбат расонидааст. Дар солҳои истиқлолият садҳо муассисаҳои таълимӣ бунёд ва таҷдид гардида, шароити таҳсил барои хонандагону донишҷӯён беҳтар шудааст. Ҷавонони тоҷик имрӯз имконият доранд, ки дар беҳтарин муассисаҳои таълимии дохил ва хориҷи кишвар таҳсил намоянд. Ин дастовардҳо натиҷаи сиёсати сулҳҷӯёна ва суботи ҷомеа мебошанд. Сулҳ инчунин барои рушди иқтисоди миллӣ аҳаммияти калон дорад. Сармоягузорӣ, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум танҳо дар муҳити орому устувор имконпазир аст. Тоҷикистон имрӯз бо татбиқи лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ ва энергетикӣ қадамҳои устувор ба сӯи пешрафт мегузорад. Ин пешрафтҳо самараи сулҳу ваҳдат ва заҳмати созандаи мардум мебошад.

Дар баробари ин, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд дарк намояд, ки сулҳ танҳо бо талоши давлат ҳифз намегардад. Нигоҳдорӣ ва таҳкими сулҳ масъулияти ҳар як инсон аст. Мо бояд ба арзишҳои миллӣ эҳтиром гузорем, ба фарҳанги таҳаммулпазирӣ арҷ гузорем ва барои таҳкими дӯстиву бародарӣ саҳмгузор бошем. Хусусан ҷавонон бояд аз таърихи кишвар сабақ гирифта, нагузоранд, ки низоъ ва тафриқа ба ҷомеа роҳ ёбад.

Осмони мусаффои Тоҷикистон имрӯз аз парвози рамзии кабутари сулҳ нурборон аст. Ин кабутар на танҳо рамзи оромӣ, балки рамзи умед ба фардои дурахшон, пешрафти давлат ва хушбахтии мардум мебошад. Ҳар як муваффақияти кишвар, ҳар як бинои нав, ҳар як дастоварди илмӣ ва фарҳангӣ аз баракати ҳамин сулҳу субот сарчашма мегирад.

Бинобар ин, вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҳифз намудани сулҳу ваҳдат, эҳтиром ба қонун, дӯст доштани Ватан ва саҳм гузоштан дар ободии он мебошад. Танҳо бо иттиҳод, ҳамдигарфаҳмӣ ва меҳнати созанда метавонем дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз намуда, Тоҷикистони азизро боз ҳам пешрафта ва обод гардонем.

Кабӯтари сулҳ ҳамеша дар осмони мусаффои Тоҷикистон парвоз хоҳад кард, агар мо ин неъмати бебаҳоро қадр намуда, барои ҳифзу таҳкими он пайваста талош намоем. Сулҳ сарчашмаи зиндагии осоишта, кафили рушди давлат ва рамзи саодати миллати тоҷик мебошад. Аз ин рӯ, ҳар яки мо бояд барои пойдории он масъулияти баланд эҳсос намуда, ба наслҳои оянда Тоҷикистони ободу оромро ба мерос гузорем.

Воқеан ҳам сулҳ бузургтарин дастоварди мардуми Тоҷикистон мебошад. Кабӯтари сулҳ дар осмони мусаффои кишвар рамзи зиндагии осоишта, пешрафт ва саодати мардум аст. Мо бояд ин неъматҳои гаронбаҳоро ҳифз намоем, ба наслҳои оянда арзиши онро омӯзонем ва барои таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ҳамеша саҳмгузор бошем. Танҳо дар фазои сулҳу оромӣ Тоҷикистон метавонад ба қуллаҳои нави рушду тараққиёт ноил гардад ва зиндагии шоистаро барои тамоми шаҳрвандонаш таъмин намояд.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПОЯИ УСТУВОРИ ДАВЛАТДОРӢ ВА РАМЗИ САРҶАМЪИИ МИЛЛАТ

**Ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи бузургтарин дастовардҳои таърихии халқи тоҷик ба шумор рафта, ҳамчун омили асосии таҳкими давлатдории миллӣ, суботи сиёсӣ ва рушди устувори ҷомеа аҳаммияти хос дорад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ миллату давлат бе ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ягонагӣ наметавонад ба пешрафту шукуфоӣ ноил гардад. Барои мардуми Тоҷикистон Ваҳдати миллӣ на танҳо як санаи таърихӣ, балки рамзи пирӯзии ақлу хирад, фарҳанги сулҳҷӯёна ва иродаи қавии миллӣ мебошад.**

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилоти зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳаёти осоиштаи мардум зарбаи сахт расонида, боиси талафоти ҷонӣ, муҳоҷирати аҳолӣ ва хароб гардидани иқтисодиёти кишвар шуд. Дар чунин шароити душвор масъалаи ҳифзи давлатдории миллӣ ва таъмини сулҳу субот ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини роҳбарияти давлат табдил ёфт.

Маҳз бо талошҳои пайгирона ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи расидан ба сулҳу оштӣ ва ризоияти миллӣ ҳамвор гардид. Пешвои миллат аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ ҳадафи асосии худро барқарор намудани сулҳ, таъмини амният ва муттаҳид сохтани тамоми қишрҳои ҷомеа муайян намуда буданд. Кӯшишҳои пайвастаи эшон дар роҳи музокироти сулҳ, барқарор намудани эътимоди байни тарафҳо ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар ниҳоят ба натиҷаи дилхоҳ расиданд.

27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки он оғози марҳилаи нави таърихӣ дар ҳаёти давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон гардид. Ин санади муҳими таърихӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида, барои рушди минбаъдаи кишвар заминаи мусоид фароҳам овард. Аз ҳамон рӯз сар карда, дар ҷомеаи Тоҷикистон фазои ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва ҳамбастагӣ таҳким ёфт.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун арзиши бузурги сиёсӣ ва иҷтимоӣ барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мусоидат намуд. Дар натиҷаи сулҳу субот иқтисодиёти кишвар тадриҷан барқарор гардида, татбиқи барномаҳои муҳими давлатӣ оғоз ёфт. Дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ роҳҳо, пулҳо, неругоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ бунёд гардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар шуд. Пешрафтҳои назарраси Тоҷикистон дар арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маҳз самараи ваҳдат ва суботи сиёсӣ мебошанд.

Ваҳдати миллӣ имрӯз ҳамчун омили муҳими таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангии миллат хизмат мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои гуногуни замони муосир ҳифзи ягонагӣ ва ҳамбастагии ҷомеа аҳамияти бештар пайдо намудааст. Ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа бояд моҳияти Ваҳдати миллиро амиқ дарк намуда, барои ҳифзи сулҳу субот ва таҳкими давлатдории миллӣ саҳми арзандаи худро гузоранд.

Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таҳкими сулҳ ва ваҳдати миллӣ имрӯз аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ низ ҳамчун таҷрибаи нодири сулҳофаринӣ эътироф шудааст. Бо шарофати ин сиёсати созанда Тоҷикистон аз кишвари ҷангзада ба давлати соҳибистиқлол, ором ва рӯ ба рушд табдил ёфт. Ин дастовардҳо собит месозанд, ки ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ асоси пешрафти ҳар як давлат мебошанд.



Замира Самадова,
мудири кафедраи таърих ва ҷомеашиносии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С Айнӣ

Ҳамин тариқ, Ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди бузурги таърихии халқи тоҷик ва неъмати бебаҳои миллат барои рушди устувори Тоҷикистон нақши ҳалкунанда дорад. Ҳифз ва таҳкими ин арзиши муқаддас вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст мебошад. Мо бояд бо эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ дастовардҳои сулҳу ваҳдатро пос дошта, барои пешрафти минбаъдаи Тоҷикистони азиз саҳмгузор бошем. Зеро маҳз ваҳдат кафили бақои миллат, таҳкими давлатдорӣ ва зиндагии шоистаи мардум мебошад.

---



Ҳикоят Муҳаммадзода,
донишҷӯйи курси 2-юми факултаи педагогикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ

# ВАҲДАТ – МОЯИ ИФТИХОРИ МО

**Мусолиҳаи миллии мо дар таърихи навини миллати куҳанбунёдамон дастоварди бузург ва беназир аст. Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки худро фарзанди Тоҷикистон медонад ва қадру манзалати Тоҷикистонро азиз мешуморад, бояд ба ин дастовард ҳамеша эҳтиром гузорад ва таҳкими ваҳдати миллиро рисолати шаҳрвандиву қарзи фарзандӣ дониста, ба халалдор гардидани он ҳаргиз роҳ надиҳад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Шоирону мутафаккирони миллатҳои гуногуни олам дар бораи аҳаммияти ваҳдат суханони зиёде гуфтаанд, ки мо инро дар мисоли Тоҷикистон мушоҳида карда истодаем. Чунонки ба мо маълум аст, бо кӯшишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми июни соли 1997 Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Маҳз ҳамин ваҳдати миллӣ буд, ки дари сулҳу оромӣ, пешрафту тараққиёт ва ҳаёти осоиштаро барои мардуми Тоҷикистон боз намуд.

Яке аз муваффақият ва дастоварди муҳимтарин ва неъмати бебаҳо дар ҷомеаи мо ё худ Тоҷикистони азиз хотима бахшида ба ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сулҳу оромӣ ва ваҳдату якдигарфаҳмӣ буд ва он амалӣ шуд. Дар тамоми давру замонҳо дастовардҳои илмию фарҳангӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик боиси рашку бадбинии душманон гашта, борҳо сабабгору боиси хароб шудани ин сарзамин ва рехтани хуни фарзандони бегуноҳи боилму фарҳанги мо шудааст.

Маҳз ба туфайли сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ халқи тоҷик ба ҳаёти осоишта, созандагиву бунёдкорӣ ва пешрафту тараққиёти соҳаҳои гуногун расид ва имрӯз Тоҷикистон дар ҳамаи ҷабҳаҳо рушд менамояд. Ба ватани хеш баргардонидани гурезаҳо низ яке аз марҳилаи муҳимтарини истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ буд, ки Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфта буданд: "Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти гурезаҳо ман тайёрам ҷони худро нисор кунам"

Имрӯз сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ асоси пешрафти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, саноату сохтмон ва маорифу фарҳангу тандурустии кишвар мебошад. Дар фазои сулҳу оромӣ ва амну амният сохтмони роҳҳо, беморхонаҳо, муассисаҳои маорифу фарҳангу варзиш ва дигар иншооти хурду бузург дар шаҳру навоҳии мамлакат ҷараён дошта, сатҳи зиндагии мардум низ рӯз аз рӯз беҳтару хубтар шуда истодааст.

Ваҳдат, инчунин, барои таҳкими истиқлолият ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯву нуфузи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки барои ҳифз ва таҳкими сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ пешрафту рушди соҳаҳои гуногун ва созандагиву бунёдкорӣ, ободониву гулгулшукуфоии ватани азиз саҳми худро гузорад. Насли ҷавон бояд арзиши сулҳу субот ва оромиву ободии ин кишварро дарк намуда, ба қадри ин ҳама заҳмату меҳнатҳо бирасанд ва барои нигоҳ доштани дӯстӣ, якдигарфаҳмӣ, ободиву зебо гардонидани мамлакат саҳмгузор бошанд.

Танҳо дар фазои ваҳдату якдигарфаҳмӣ ва дӯстиву муттаҳидӣ давлату миллат метавонанд ба дастовардҳои бузург ноил гардида, ояндаи дурахшон дошта бошанд.Ваҳдати миллӣ бузургтарин дастоварди Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ки он кафолати сулҳу оромӣ, амну амният ва рушду пешрафти соҳаҳои гуногуни мамлакат буда, барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мояи ифтихор мебошад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2026-ро соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ эълон намуданд ва ин албатта, иқдоми шоиставу саривақтӣ ва муҳим аст, зеро имсол мо Ҷашни бузурги миллӣ - 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро таҷлил менамоем. Бояд ҳар яки мо дар созандагиву ободонӣ ва шукуфоии ватани азизамон саҳми арзандаи хешро гузорем.

Дар хотир бояд дошт, ки имрӯз ваҳдати миллии мо пояи асосии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аст. Он чун як омиле метавонад барои пешрафт ва барои бақои аслу суботу иттиҳоди ин ҷомеа нақши худро иҷро кунад. Имрӯз танҳо ваҳдати миллӣ қудрат дорад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ, дар ин ҳаводис ва чолишҳое, ки бар зидди фарҳанги мо, бар зидди арзишҳои муқаддаси миллии мо равона гардидаанд, сипар бошад. Зеро миллате, ки дар он ваҳдати миллӣ пойдор аст, миллате мебошад, ки ба қаҳрамонони ваҳдатофари худ эътимод дорад: миллате, ки дар он иттиҳод, ҳамбастагӣ ва ҳаммаромӣ дар меҳвари инсонсолорӣ қудрату неру пайдо кардааст.

Ваҳдат ва ҳувияти миллӣ арзишҳое мебошанд, ки онҳоро наметавон ба ягон чиз (молу сарват) муқоиса ва харидорӣ кард. Чун вазъи имрӯзаи ҷаҳонӣ бо вусъатёбии ифротгароию терроризми динӣ-сиёсӣ, куштори бераҳмонаи мардуми бегуноҳ, хатару таҳдидҳои биологию кимиёвӣ, фарҳангию идеологӣ ва ғайра рӯ ба рӯ асту амният ва ҳаёти осоиштаи башарро ба ташвиш рӯ ба рӯ намудааст, ҳар яки мо бояд андешаи сулҳу ваҳдатро ҳамчун рукни бозътимоди истиқлолият ва ғояи асосии давлатдории миллӣ ҳисобида, онро миёни ҷомеа, бахусус наслҳои ҷавон, баҳри бақои амният ва сулҳу суботи давлат тарғиб созем.

# САОДАТИ МИЛЛАТ ДАР ВАҲДАТ АСТ



**Раҷабзода С.И., доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илми ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

**Ваҳдат, сулҳ ва ягонагӣ аз калимаҳое мебошанд, ки барои ҳар тоҷику тоҷикистонӣ азизу муқаддас маҳсуб меёбанд. Ваҳдату якдилӣ мазмуну моҳият ва асоси зиндагии мост. Маънии калимаи ваҳдатро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле хуб шарҳ додаанд: «Ваҳдат барои мо як вожа ва калимаи оддӣ нест, балки номаи тақдири мо, шарти пешрафти кишварамон ба сӯи ояндаи ободу осуда ва муҳимтар аз ҳама, кафили сарҷамъию хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст».**

Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле дуруст қайд кардаанд, ки Ваҳдат омили рушди босуботи мамлакат, кафили иқболу саодати халқу ҷамъият ба ҳисоб меравад. Зеро Ваҳдат сароғози ҳамаи комёбиҳо, созандагиву ободкориҳо, ибтидои суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва некӯаҳволии ҷомеаи навин, ҳамчунин, худогоҳиву худшиносӣ бахри ҳамаи миллати соҳибмаърифати мо ба ҳисоб меравад.

Дар воқеъ, ифтихор ва худшиносии миллӣ пойдевори кишвар ва бақои миллат, сабаби рушду нумӯи он мегардад. Миллате, ки сарҷамъу худогоҳ аст, миллате, ки ифтихору ғурури миллӣ дорад, дар саҳнаи таърих ҳамеша рӯ ба инкишоф дорад.

Шоирони ваҳдатсарои тоҷик Рӯдакию Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Низомиву Ҷомӣ, Лоиқу Бозор ва садҳо дигарон, ки осорашон саросар ватандӯстонаву омӯзандаву ибратбахшу ҷовидонаанд ва андешаҳои ғании таърихӣ доранд, ба мо дастур медиҳанд, ки худшинос бошем, худогоҳ бошем, донем, ки кистем ва аз куҷоем:

Дар ҷадвали ин хати қиёсӣ,
Мекӯш ба хештаншиносӣ.

«Давлат ҳама з-иттифоқ хезад», - мегӯяд халқи азизамон. Ин ҳикмати мардумӣ, ин дурдонаи маънавии халқамон тайи чандин қарнҳо аз насл ба насл ба мерос гузаштааст ва баёнгари афкори мутараққии халқи қадимаи мост. Ҳамин аст, ки бузургтарин дастоварди таърихии халқи мо дар садсолаи сипаригардида, ки ба тавассути ҳамдигарфаҳмиву тифоқӣ насибамон гардид, ин истиқрори сулҳи комилу тақдирсоз (оғоз 5 апрели соли 1994) дар Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол мебошад. Ҳамин Ваҳдату оштии миллӣ буд, ки кишвари тозаистиқлоли моро аз вартаи ҳалокат наҷот дод. Ба имзо расидани созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба раванди музокироти сулҳи тоҷикон анҷоми нек бахшид.

27-июн бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон гардид. Пешвои муаззами миллат аз рӯзи аввали ба сари қудрат омаданаш бахри ба даст овардани сулҳ кӯшида, хидматҳои зиёде ба анҷом расониданд. Ҳамин тавр, сулҳи тоҷикон бо дарёфти ҳадафи аслии миллат, яъне Ваҳдати миллӣ расид. Бинобар ин, Сулҳ, Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатии тоҷикон мафҳумҳои азиз барои ҳар фарди Тоҷикистон гардид, зеро маҳз ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот барои мо воситаи тақдирсозе гардид, ки пеш аз ҳама, барои таҳкими рукнҳои давлату давлатдорӣ, ҳифзи тамомияти арзии кишвар, ҳамчунин, ҳамраъйии Тоҷикистониён шароити фарох фароҳам оварад. Ҳамин Ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот буд, ки ба боло рафтани ифтихори ватандориву бедории шуури миллӣ мусоидат намуд.

Барои ҳамаи мо рӯшан аст, ки пас аз ба имзорасии ин созишномаи тақдирсоз ва ба даст овардани ризоияти миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо фазои сулҳу Ваҳдат танин андохта, моро ба зиндагии орому осуда раҳнамун сохт. Ин баҳамой имкон дод, ки кишвари мо ба марҳилаи нави давлатдории миллӣ қадамҳои устувори худро гузорад ва ба созандагиву бунёдкорӣ ва пеш гирифтани ислоҳотҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳо муваффақ шавад. Бахусус, соҳаҳои маориф, тандурустӣ, энергетика, роҳсозӣ, коммуникатсия, саноату кишоварзӣ дар ҳолати рушд қарор доранд.

Бояд зикр намуд, ки соҳаи маориф бо ба даст овардани Ваҳдати миллӣ ба марҳилаи нави рушд ворид шуда бошад ҳам, дар ибтидои солҳои 90-ум дар ин соҳа, аз ҷумла сифати таълиму тарбия ва дигар омилҳои ташаккули маърифату тафаккури инсон мушкилоти ҳалталаб хеле зиёд ҷой доштанд. Аз ин ҷиҳат, рушди соҳаи маорифро ба ду марҳила ҷудо намудан мумкин аст. Марҳилаи аввал, аз оғози истиқлолият то фарорасии сулҳ ва ризоияти миллиро дар бар мегирад. Дар ин давра ҷумҳурӣ ба мушкилоти зиёди иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мувоҷеҳ гардид, ки соҳаи маориф аз ин шумор истисно набуд. Маорифи кишвар дар ҳолати вазнин қарор дошт, базаи моддӣ-техникӣ тақрибан набуд, аксар мактабҳо дар ҳолати садамавӣ қарор доштанд ва боғчаю кӯдакистонҳо тамоман кам буданд. Аз ҳамин давра таъмиру тармими муассисаҳои таълимӣ оғоз гардид, мактабҳои сӯхтаро аз нав барқарор карда, барои ба таҳсил ҷалб намудани муаллимон ва хонандагон, хусусан духтароне, ки аз таҳсил дур монда буданд, чораҳои иловагӣ андешида мешуд.

Ҳукумат барои ислоҳи вазъи ногувор дар бахши маориф аз буҷети давлатӣ маблағҳои мақсаднок ҷудо карда, барои ҷалби кӯдакон, омӯзгорону мураббиён тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ намуд. Он асосан ба мустаҳкам кардани пояи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ равона гардида, сохтани мактабҳои нав, таъмиру тармими биноҳои кӯҳна, сохтани синфхонаҳои иловагӣ ва толору майдончаҳои варзишӣ, бо васоити зарурӣ таъмин намудани мактабҳо дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумат қарор гирифт. Аз аввали соли 2000 соҳаи маориф ба ҳадафи стратегӣ ва соҳаи афзалиятноки иҷтимоӣ табдил ёфт ва дар доираи маблағгузории давлатӣ қисми зиёди инфрасохтори соҳа аз нав сохта шуд. Дар ҳамин давра барои рушди марҳилаи дуюми маориф замина гузошта шуд. Таъмини сулҳу субот ва истиқрори сиёсӣ ба болоравии сатҳи иқтисодиёт ва татбиқи бештари сиёсати иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Ҳамин буд, ки маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ сол ба сол афзоиш ёфтан гирифт. Баробари ҳамаи ин, ба пешрафти соҳаҳои энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар таваҷҷӯҳи хосса зоҳир мегардад. Тӯли солҳои охир мавриди истифода қарор гирифтани ду агрегати НБО «Роғун», сохтмони пулҳову таҷдиди роҳҳои мошингард, воқеан ба шаҳри сулҳу дӯстӣ табдил ёфтани пойтахти кишварамон -шаҳри Душанбе ва ғайра низ бозгӯи рушди кишвар дар ҳамаи самтҳост.

Хуллас, расидан ба Ваҳдати миллӣ боиси он гардид, ки миллати сарбаланду некноми тоҷик ба фатҳи қуллаҳои нав ба нав дар ҳамаи соҳаҳо муваффақ гардад. Имрӯз саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ қарор додаем. Моро зарур аст, ки барои ободии Ватан, рушди Ваҳдату саноатикунонии босуръати кишвар софдилонаву содиқмандона меҳнат намоем.

# НАҚШИ СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХИ СИЁСИИ КИШВАР

**Дар таърихи ҳар як миллат рӯйдодҳое вуҷуд доранд, ки сарнавишти давлат ва ҷомеаро барои даҳсолаҳо муайян месозанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз чунин рӯйдодҳои сарнавиштсоз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мебошад, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид. Ин ҳуҷҷати таърихӣ ба муқовимати сиёсӣ ва низомии дохилии солҳои 1992–1997 хотима бахшида, заминаи устувори сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи давлатро фароҳам овард. Созишномаи сулҳ на танҳо як санади сиёсӣ, балки рамзи иродаи халқ барои зиндагии осоишта, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳёи давлатдории миллӣ гардид. Маҳз тавассути татбиқи муваффақонаи ин созишнома Тоҷикистон тавонист аз марҳилаи душвори таърихӣ гузашта, ба роҳи рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қадам гузорад.**

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилоти зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид. Норасоии таҷрибаи идоракунии давлатӣ, муборизаҳои сиёсӣ байни гурӯҳҳои гуногун ва таъсири омилҳои хориҷӣ боиси шиддат гирифтани вазъият гардиданд. Дар солҳои 1992–1997 кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор шуд, ки талафоти бузурги инсонӣ ва иқтисодиро ба бор овард. Ҳазорон нафар шаҳрвандон ҷони худро аз даст доданд, садҳо ҳазор нафар муҳоҷир ва гуреза шуданд, инфрасохтори иқтисодӣ хароб гардид ва раванди рушди давлат қатъ шуд. Дар чунин шароити вазнин зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои осоиштаи ҳалли низоъ ба миён омад. Бо ибтикори роҳбарияти давлат ва дастгирии созмонҳои байналмилалӣ музокироти байни тоҷикон оғоз гардид. Ин музокирот дар кишварҳои гуногун баргузор шуда, чандин сол идома ёфт.

Музокироти байни тоҷикон яке аз мураккабтарин равандҳои сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Ҷонибҳои даргир дар давоми чанд сол кӯшиш карданд, ки роҳҳои созиш ва ҳамдигарфаҳмиро пайдо намоянд. Дар ин раванд нақши муҳими Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, махсусан назаррас буд. Аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ ӯ масъалаи барқарор намудани сулҳ ва ваҳдати миллиро ҳамчун вазифаи асосии сиёсати давлатӣ муайян намуд. Кӯшишҳои пайгиронаи роҳбарияти кишвар барои муттаҳид сохтани ҷомеа ва хотима бахшидан ба ҷанг заминаи мусоидро барои ба даст омадани сулҳ фароҳам оварданд. Музокирот бо миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои дӯст баргузор гардиданд. Ҳамин тавр, пас аз музокироти тӯлонӣ тарафҳо ба созиши ниҳоӣ расиданд.

27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Ин ҳуҷҷат аз чандин санадҳо ва протоколҳо иборат буда, масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро дар бар мегирифт. Яке аз ҳадафҳои асосии созишнома қатъи комили муқовимати мусал-

*(Идома дар саҳ. 16)*

# ВОЗВРАЩЕНИЕ ГЕРОЕВ НА РОДНУЮ ЗЕМЛЮ КАК ДАНЬ ПАМЯТИ ВЕЛИКИМ СЫНАМ ТАДЖИКИСТАНА



**Саидова Дилоро Рустамовна, ассистент кафедры СРЯ и ОЯ**

В жизни каждого народа есть события, которые становятся не просто фактами истории, а символами национального единства, уважения к прошлому и верности своим духовным ценностям. Одним из таких событий для Республики Таджикистан стало возвращение на Родину останков и памяти выдающихся сынов народа — Нусратулло Махсума, Шириншох Шохтемура и Нисора Мухаммада. Это событие вызвало широкий общественный резонанс, поскольку затронуло важнейшие вопросы исторической памяти, национального достоинства и преемственности поколений.

Каждая эпоха рождает людей, которые своим трудом, талантом и преданностью Родине определяют дальнейший путь развития государства. Именно к таким личностям относятся Нусратулло Махсум, Шириншох Шохтемур и Нисор Мухаммад. Их деятельность пришлась на сложный и ответственный период истории таджикского народа, когда решались вопросы национального самоопределения, формирования государственности, развития образования и культуры.

Они принадлежали к поколению созидателей, которые искренне верили в будущее своего народа и посвятили свою жизнь служению обществу. Их имена навсегда вписаны в историю Таджикистана как символы патриотизма, мужества и высокой гражданской ответственности. Несмотря на испытания и трагические события прошлого века, память о них сохранилась в сердцах народа и передавалась из поколения в поколение.

Возвращение останков выдающихся деятелей на родную землю стало важным шагом на пути восстановления исторической справедливости. На протяжении многих десятилетий места их захоронения находились за пределами страны. Однако духовная связь этих людей с Родиной никогда не прерывалась. Их идеи, дела и жизненный путь оставались частью национальной истории.

Особую роль в реализации этой гуманной и благородной инициативы сыграл Президент Республики Таджикистан, Лидер нации Эмомали Рахмон. Под его руководством в стране проводится последовательная политика по сохранению исторического наследия, укреплению национального самосознания и воспитанию молодёжи в духе уважения к прошлому. Возвращение останков выдающихся сынов таджикского народа стало ярким свидетельством того, что государство чтит память тех, кто стоял у истоков его становления.

Следует отметить, что уважение к памяти предков всегда занимало особое место в культуре таджикского народа. Испокон веков наши предки считали своим нравственным долгом чтить тех, кто своим трудом и подвигами прославил родную землю. Именно поэтому возвращение национальных героев на Родину было воспринято обществом не только как официальное мероприятие, но и как важное духовное событие.

В современном мире, где стремительные изменения порой заставляют забывать уроки прошлого, подобные события приобретают особую ценность. Они напоминают обществу о необходимости сохранять историческую память, бережно относиться к культурному наследию и воспитывать молодое поколение на примерах истинного служения Отечеству.

Для молодёжи история жизни Нусратулло Махсума, Шириншох Шохтемура и Нисора Мухаммада является ярким примером преданности своему народу. Молодые люди должны знать имена тех, кто своим трудом создавал основы государственности, развивал образование и культуру, боролся за достойное будущее своей страны. Именно такие примеры формируют чувство гражданской ответственности, патриотизма и уважения к национальным ценностям.

Возвращение героев на родную землю стало символом связи времён и поколений. Оно напоминает каждому гражданину о том, что история государства создаётся конкретными людьми, чьи дела продолжают жить даже спустя многие десятилетия. Народ, который помнит своих героев, сохраняет свою духовную силу и уверенно смотрит в будущее.

Сегодня Таджикистан развивается как независимое и процветающее государство. Успехи страны в различных сферах во многом опираются на богатое историческое наследие и опыт предшествующих поколений. Поэтому сохранение памяти о выдающихся личностях прошлого является важнейшей задачей не только государства, но и каждого гражданина.

Возвращение останков Нусратулло Махсума, Шириншох Шохтемура и Нисора Мухаммада на Родину стало событием, которое ещё долгие годы будет восприниматься как акт глубокого уважения к истории своего народа. Это событие укрепило чувство национальной гордости, напомнило о ценности независимости и единства страны, а также показало, что память о великих сыновьях Таджикистана продолжает жить в сердцах благодарных потомков.

Историческая память — это фундамент национального самосознания. Пока народ хранит память о своих героях, он сохраняет свою идентичность, духовную силу и способность достойно отвечать на вызовы времени. Именно поэтому возвращение национальных героев на родную землю стало не только важным историческим событием, но и значимым нравственным уроком для нынешнего и будущих поколений таджикистанцев.

# ДАР АВФ ЛАЗЗАТЕСТ, КИ ДАР ИНТИҚОМ НЕСТ

**Теолог ва мутафаккири асримиёнагии маъруфи тоҷик Муҳаммад Ғазолӣ дар асараш “Насиҳат-ул-Мулук” ба ин маъно нигоштааст, ки ҳар подшоҳе дар мулкаш адлу инсофро пойдор нигоҳ медорад, пас давлати ӯ пойдор ва муддавом боқӣ мемонад. Бо он ки мутафаккири мазкур диндори сарсахт ва ҷонибдори якрави таълимоти ислом аст, дар ин асар шоҳонеро бо адолат мешуморад ва давлати онҳоро пойдор меҳисобад, ки аксаран шоҳони ориёии ғайримусалмон ва пешазисломиянд. Ғазолӣ бо нишон додани шоҳони пешазисломии ориёӣ ва тӯлонӣ будани давлату сулолаҳои онҳо таъкид менамояд, ки асоси пойдории давлати онҳо адлу инсоф буд, бинобар ин давлати онҳо дар замони худ поянда гардид. Ғазолӣ рӯйрост камбуди роҳбарони мусулмони замонашро гуфта натавониста, бо мисол овардан аз шоҳони ғайримусалмон, вале боадолат гӯшзад мекунад, ки пояи асосии давлат бояд адлу инсоф бошад, на диндории кӯр-кӯрона ва ҷабру ситам. Кишваре, ки пояи асосии онро на авф, балки зулм ташкил менамояд, дер ё зуд аз байн меравад. Дар фаҳмиши халқи тоҷик авфу бахшиш решаҳои қадима ва тоисломӣ дошта, то имрӯз дар рафтори мардум ба мушоҳида мерасад. Фалсафаи авфу бахшиш дар миёни халқи тоҷик аз амалҳои аҳуроӣ ба шумор рафта, бар хилофи амалҳои аҳриманӣ мебошанд. Чи тавре ки ҳанӯз дар таълимоти зардуштия, дар набарди қувваҳои некию бадӣ, дар ниҳоят некӣ ғалаба мекунад, дар мафкураи мардуми ориёӣ, хосатан тоҷик кору амали хайр ҳамеша ғолиб, дастболо ва ҷовидона аст. Бе сабаб нест, ки мегӯянд “Некӣ бимонад, ҷовидон!”. Бале “авф” - “некӣ” аст. Касе авф мекунад, пас ӯ некӣ мекунад.**



**Султонзода С.А., д.и.ф., профессор**

Ҳадаф аз ин гуфтаҳо ин аст, ки 16 июни соли 2026 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф»-ро ба имзо расониданд. Ин бори аввал нест, ки Пешвои миллат бо чунин амали хайр ҳазорон зиндониёнро озод менамоянд. Дар ҷавоб ба ин кори савоб зиндониёне, ки ба озодӣ мебароянд бояд ба қадри озодӣ, зиндагии осоишта, сулҳу субот бирасанд ва дар пайравӣ ба сиёсати Роҳбари давлат аз пайи корҳои хайру созандагӣ бираванд, то дубора даст ба корҳои баду носавоб назананд.

Дар имтидоди таърихи тӯлонӣ ва дар кишварҳои гуногун башарият шоҳиди шоҳону роҳбарони зиёд шудааст. Вале шоҳони раиятпарвару бораҳм хеле каманд. Бисёре аз шоҳону роҳбарон чӣ дар гузашта ва чӣ ҳоли ҳозир барои бартараф кардани мушкилоти ҷомеа ва роҳи халосӣ аз вазъияти баамалоянда ҳазорон-ҳазорро бо ҳар иллат ба зиндонҳо менадозанд ва ё умуман ҷисман нобуд мекунанд. Дар бисёре аз кишварҳои олам “ҳукми қатл” амал мекунад. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол чунин ҳукмро Пешвои адолатпарвару раиятпарвари мо ҳукми ноодилона шумурида лағв карданд. Илова бар ин, пайваста бахшида ба ҳар санаву чорабиниҳои муҳими таърихӣ чандин ҳазор маҳбусро озод ва ба зиндагии муқаррарӣ бармегардонанд. Бадтарин ҷазо қатл кардан ва ё аз озодӣ маҳрум сохтан аст. Аз амалкарди Пешвои муаззами миллат маълум мегардад, ки бар муқобили ин ду ҷазо мебошанд. Дар олам роҳбароне ҳастанду буданд, ки ҳамеша бо роҳи интиқом рафтанд, вале роҳбароне буданду ҳастанд, ки роҳи авфро пеша карданд. Интиқом роҳи ҳалли масъала нест, роҳи беҳтаре аз интиқом вуҷуд дорад, ки онро “авф” мегӯянд. Гунаҳкорро авф кардан кори сода нест, барои авф кардан эҳсоси баланди инсонӣ, раҳму шавқат ва бузургии худовандӣ лозим аст. Бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ авф намудани гуноҳи тақрибан 18 ҳазор маҳбус бори дигар аз ҳисси баланди инсондӯстии Пешвои миллат дарак медиҳад.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ОМИЛИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

**Шукри Ваҳдат, шукри бахти пойдор,**
**Пешво дорем, дорем ифтихор.**
**Бемалол аз заҳмати пайвастааш,**
**Гулгулафшон аст Меҳан чун баҳор.**

Дар таърихи ҳар як миллат давраҳое ба вуҷуд меоянд, ки сарнавишти давлат ва ояндаи ҷомеа аз ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ вобаста мегардад. Барои халқи тоҷик чунин марҳилаи ҳассос солҳои аввали истиқлолият буданд. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеа ба мушкилоти зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар чунин шароит масъалаи ҳифзи давлатдорӣ, таъмини сулҳу субот ва муттаҳид сохтани мардум аҳамияти аввалиндараҷа касб намуд.

Солҳои аввали истиқлолият барои Тоҷикистон давраи бисёр душвор ба ҳисоб мерафт. Низоъҳои сиёсӣ ва гурӯҳӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд, ки ба иқтисод, фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоии мардум зарари ҷиддӣ расонданд. Дар натиҷаи ин низоъ ҳазорҳо нафар ҷони худро аз даст дода, садҳо ҳазор шаҳрванд маҷбур шуданд тарки Ватан намоянд.

Дар чунин шароити мураккаб масъалаи муттаҳид намудани ҷомеа ва ҳифзи давлатдории миллӣ ба вазифаи муҳимтарини сиёсӣ табдил ёфт. Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, дар сарнавишти давлат нақши таърихӣ бозид. Маҳз дар ҳамин иҷлосия роҳи барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва таъмини сулҳу субот муайян карда шуд. Яке аз омилҳои муҳими ба даст овардани сулҳ иродаи сиёсӣ ва талошҳои пайвастаи роҳбарияти кишвар фарзонафарзанди фидоии миллат – Сарвари тоҷикони ҷаҳон, пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба оштии миллӣ буд. Инчунин масъалаҳои асосии рӯзномаи Иҷлосияи мазкур интихоби Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон буд. Ба ин вазифаи олӣ марди хирадманд, оқил, ташкилотчии моҳир, сиёсатмадори асил ва ҷасуру дурандешро интихоб кардан лозим меомад.

Хушбахтона, чунин шахсияти мунаввар бо чеҳраи нуронӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пайдо шуданд, ки дар кӯраи ҳаёт обутоб ёфта, дар назди хосу ом обрӯю эътибори зиёд доштанд. Дар Иҷлосия аз 197 нафар вакилони мардумӣ 186 вакил ба ҷонибдориашон овоз доданд ва 19-уми ноябри соли 1992 қарори Шурои Олии Тоҷикистон дар бораи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон интишор ёфт.

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамон соати ба сари қудрат омаданашон тамоми азму иродаи худро ба умдатарин масъалаҳои ҳастии халқу мамлакат – таъмини сулҳу субот, муттаҳид кардани сокинони кишвар, истиҳкоми ваҳдати миллӣ бахшиданд ва фаъолияти сиёсии эшон ҳамчун Сарвари давлат бо ормонҳои чандинасраи миллат ва рисолати ҷамъиятию азалии халқи тоҷик мувофиқ омад.

Меҳнаткашони Тоҷикистон дар симои роҳбари худ шахсиятеро дарёфтанд, ки мақсади ӯ сулҳу салоҳ, якпорчагии Тоҷикистон ва ободию осудагии халқ буду ҳаст ва хоҳад монд. Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон чун Раиси Шурои Олии Тоҷикистон интихоб гардиданд, савганд ёд карда, изҳор доштанд, ки: «Ман ба мамлакат сулҳ меорам, халқи заҳматкашро аз фоҷиаи ҷангу хунрезӣ наҷот медиҳам, ваҳдати мардумони гуногунмиллати кишвараамонро таъмин менамоям».

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ таҳкими худшиносии миллӣ



Ёрова Макнуна, лаборанти кафедраи забони олмонӣ

ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ мебошад. Ваҳдати миллӣ на танҳо падидаи сиёсӣ, балки арзиши маънавӣ низ мебошад, ки ба ташаккули ҳувияти миллӣ мусоидат мекунад.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун давлати сулҳпарвар ва ҷонибдори муколамаи созанда дар арсаи байналмилалӣ шинохта мешавад. Созмонҳои байналмилалӣ таҷрибаи Тоҷикистонро ҳамчун модели сулҳофарӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки ҳатто низоъҳои мураккаби сиёсӣ метавонанд тавассути гуфтушунид ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳал шаванд. Ваҳдати миллӣ имрӯз на танҳо дастоварди гузашта, балки кафили рушди устувор ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон мебошад.



Шаҳнозаи Шариф, коргузори маҷаллаи “Паёми донишгоҳ”

# НАҚШИ СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХИ СИЁСИИ КИШВАР

*(Аввалаш дар саҳ. 14)*

лаҳона ва таъмини сулҳи пойдор буд. Ҳуҷҷати муҳими дигаре ба имзо расид, ки баргардонидани гурезаҳо, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, ислоҳоти сохторҳои давлатӣ ва таҳкими ризоияти миллиро танзим менамуд.

Созишномаи сулҳ барои таърихи сиёсии Тоҷикистон аҳамияти бузург дорад. Пеш аз ҳама, он ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида, шароити мусоидро барои ташаккули давлатдории муосири тоҷикон фароҳам овард. Ба шарофати сулҳ мақомоти давлатӣ имконият пайдо карданд, ки фаъолияти худро дар тамоми қаламрави кишвар ба роҳ монанд. Барқарор гардидани суботи сиёсӣ барои таҳкими сохтори конститутсионӣ ва рушди институтҳои давлатӣ замина гузошт. Ҳамчунин, созишнома ба рушди фарҳанги сиёсӣ ва муколама дар ҷомеа мусоидат намуд. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон нишон дод, ки ҳатто мураккабтарин ихтилофҳоро метавон тавассути гуфтушунид ва роҳи сиёсӣ ҳал кард.

Яке аз дастовардҳои муҳими Созишномаи сулҳ таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад. Пеш аз ба имзо расидани ин санад ҷомеа ба гурӯҳҳо ва неруҳои гуногун ҷудо шуда буд. Сулҳ имконият фароҳам овард, ки шаҳрвандон сарфи назар аз тафовутҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ барои ҳадафҳои умумимиллӣ муттаҳид гарданд. Ваҳдати миллӣ ба яке аз арзишҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон табдил ёфт. Имрӯз он ҳамчун омили асосии субот, амният ва рушди устувори кишвар эътироф мегардад. Ҳар сол таҷлили рӯзи Ваҳдати миллӣ аҳамияти таърихии Созишномаи сулҳро ба насли ҷавон ёдрас менамояд. Маҳз ваҳдати миллӣ имкон дод, ки Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати сулҳпарвар ва устувор муаррифӣ гардад. Сулҳу субот барои рушди иқтисодӣ шарти асосӣ ба ҳисоб меравад. Пас аз барқарор гардидани сулҳ дар Тоҷикистон марҳилаи нави эҳёи иқтисодӣ оғоз ёфт. Корхонаҳои истеҳсолӣ аз нав фаъол шуданд, сармоягузорӣ афзоиш ёфт ва инфрасохтори иҷтимоӣ тадриҷан барқарор гардид. Дар солҳои истиқлолият ҳазорон иншооти муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сохта шуданд. Роҳҳо, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ бунёд гардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар шуд. Ин дастовардҳо бевосита ба сулҳу суботи сиёсӣ вобаста мебошанд. Агар Созишномаи сулҳ ба имзо намерасид, татбиқи чунин барномаҳои бузурги давлатӣ ғайриимкон мегардид.

Созишномаи сулҳи Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз намунаҳои муваффақи ҳалли низоъҳои дохилӣ эътироф шудааст. Бисёр коршиносон ва созмонҳои байналмилалӣ таҷрибаи Тоҷикистонро ҳамчун модели муколама ва оштии миллӣ арзёбӣ мекунанд. Хусусияти муҳими ин таҷриба дар он аст, ки тарафҳои даргир манфиатҳои миллиро аз манфиатҳои гурӯҳӣ боло гузошта, роҳи сулҳро интихоб намуданд. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки иродаи сиёсӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ метавонанд ҳатто душвортарин мушкилотро ҳал намоянд. Имрӯз таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар омӯзиши равандҳои сулҳофарӣ ва пешгирии низоъҳо мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз 27 июни соли 1997 яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои таърихии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин санад ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида, заминаи ташаккули давлати муосири тоҷиконро фароҳам овард. Аҳамияти сиёсии Созишнома дар он ифода меёбад, ки он сулҳ, субот, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишварро таъмин намуд. Ҳамзамон, он фарҳанги муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар ҷомеа таҳким бахшид.

Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: “Ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот бузургтарин дастоварди халқи тоҷик дар даврони истиқлолият мебошад”. Ин суханон аҳамияти бузурги Созишномаи сулҳро барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон равшан ифода мекунанд. Созишномаи соли 1997 на танҳо як санади сиёсӣ, балки рамзи хиради миллӣ, сабақи таърих ва кафили рушди минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.



ОМӮЗГОРИ ҶАВОН

САРМУҲАРРИР:
КЕНҶАЗОД ФАРИДУН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН
АЙНУЛОЗОДА НАҲТУЛЛО
РАҶАБЗОДА СИРОҶИДДИН
ХОҶАЗОД САИДМУРОД
МАҲКАМОВ МАҲМАДҶОН

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.

Телефон: 224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Мазмун, мундариҷа ва аслияти мақолаҳо ба души муаллифон мебошад.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.